Пардохти андоз - баҳои тамаддуниятнокии ҷомеа

№1 (1150)

Панҷшанбе, 3 январи соли 2019

# Боҷу хироҷ

E-mail: boju_hiroj@mail.ru

Рӯзнома аз 26 декабри соли 1998 чоп мешавад.

МАҚОМОТИ АНДОЗИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

НАШРИЯИ КУМИТАИ АНДОЗИ НАЗДИ ҲУКУМАТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

ХИЗМАТРАСОНӢ

# ДАФТАРИ БАҚАЙДГИРИИ САНҶИШҲО



Назорати санҷиши фаъолияти субъектҳои хоҷагидор

## Сухани табрикотии Раиси Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Давлатзода Нусратулло Муқим ба муносибати фарорасии Соли нави мелодии 2019

**Фарорасии Соли нави мелодии 2019-ро ба ҳамаи шумо ва дар шахси шумо ба тамоми наздикону пайвандонатон самимона табрику муборакбод гуфта, бароятон саломатии бардавом, сарбаландию саодати рӯзгор ва хушбахтиҳои оилавиро таманно дорам.**

Бо изҳори қаноатмандӣ метавон гуфт, ки соли 2018 чун солҳои пешин, таҳти роҳнамоӣ ва сиёсати хирадмандонаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар сарнавишти халқи Тоҷикистон бо дастовардҳои назаррас сабт гардид.

Чуноне ки Пешвои муаззами миллат таъкид сохтанд, соли 2018 бо рӯйдодҳои ниҳоят муҳиму хотирмони худ барои мардуми шарифи Тоҷикистон ва давлати соҳибистиқлоли тоҷикон соли воқеан таърихӣ буд. Аз ҷумла, дар моҳи марти соли 2018 дар Рӯзи байналмилалии захираҳои об, татбиқи амалии ташаббуси чоруми ҷаҳонии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар соҳаи об - «Даҳсолаи байналмилалии амал «Об барои рушди устувор» расман оғоз гардид. Воқеан, боиси ифтихор аст, ки дар арсаи ҷаҳонӣ Тоҷикистон дар самти ҳифзи манбаъҳо ва захираҳои оби тозаи ошомиданӣ ҳамчун кишвари ташаббускор ва пешсаф эътироф гардидааст.

**(Давомаш дар саҳ.4)**

ПРЕЗИДЕНТ

ТАБРИКОТИ ТЕЛЕВИЗИОНИИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН МУҲТАРАМ ЭМОМАЛӢ РАҲМОН БА МУНОСИБАТИ СОЛИ НАВИ МЕЛОДИИ 2019

с. 2

ТЕХНОЛОГИЯҲОИ МУОСИР

ВОСИТАИ МУАЙЯН НАМУДАНИ ДАРОМАДИ ВОҚЕӢ

Истифодаи МНХ - воситаи асосии муайян намудани даромади воқеии андозсупорандагон

с. 5

ФАРҲАНГИ АНДОЗ

БАҚИЯИ ҚАРЗИ АНДОЗ КОҲИШ ЁФТ

Пардохти саривақтии андоз - вазифаи муҳими ҳар як андозсупоранда

с. 6

САНҶИШ

ҲАДАФ - РАСОНИДАНИ КӮМАКИ АМАЛӢ

Мавриди санҷиш қарор додани ҳолати ичрои қарорҳои рӯёнидани қарзи андозҳо - таҳти назорат

с. 7

НАЛОГОВЫЕ РЕЖИМЫ

НАЛОГОВЫЙ РЕЖИМ В ДОБЫВАЮЩЕМ СЕКТОРЕ РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН

Уплата налогов с недропользователей не освобождает недропользователя от уплаты других налогов

с. 8

РУШДИ СОҲИБКОРӢ

ТАТБИҚИ БАРНОМА ДАР АМАЛ

Оид ба татбиқи барномаи давлатии мусоидат ба содирот ва воридотивазкунӣ

с. 11

# ТАБРИКОТИ ТЕЛЕВИЗИОНИИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН МУҲТАРАМ ЭМОМАЛӢ РАҲМОН БА МУНОСИБАТИ СОЛИ НАВИ МЕЛОДИИ 2019



**Ҳамватанони азиз!**

Ҳамаи шумо ва ҳамватанони бурунмарзиамонро ба муносибати фарорасии Соли нави мелодии 2019 самимона табрик гуфта, ба хонадони ҳар фарди Ватан рӯзгори ободу осуда ва хушбахтиву иқболи нек орзу менамоям.

Соли 2018 барои мардуми Тоҷикистон аз бисёр ҷиҳат соли воқеан хотирмону таърихӣ ба ҳисоб меравад, зеро кишвари азизи мо дар ин сол ба дастоварду пешравиҳои басо муҳимму назаррас ноил гардид.

Ба кор даровардани чархаи якуми нерӯгоҳи барқи обии «Роғун» аз ҷумлаи рӯйдодҳои дар ҳақиқат таърихии соли 2018 маҳсуб меёбад.

Ин рӯзро мардуми шарифи Тоҷикистон ҳамчун қадами бузург дар таъмин намудани истиқлолияти энергетикии мамлакат солҳои зиёд интизор буданд.

Сокинони кишвар хуб медонанд, ки барои расидан ба ин рӯзи муборак мо чандин сол заҳмат кашидем, мушкилоти зиёдро паси сар кардем ва ҳоло дар фазои ваҳдату ягонагӣ, сулҳу оромӣ ва суботи комили сиёсии Ватани муқаддасамон бунёди ин иншооти азимро босуръат идома дода истодаем.

Нерӯгоҳи барқи обии «Роғун» таҳкурсии боэътимоди ободиву сарсабзии фардои Тоҷикистони соҳибистиқлоли мо ва пешрафти минбаъдаи тамоми соҳаҳои иқтисоди миллиамон мебошад.

Муҳимтар аз ҳама, ин боргоҳи нур манбаи таъмин намудани хонадони ҳар як сокини мамлакат бо равшаниву гармии доимӣ ва омили баланд бардоштани сатҳи некӯаҳволии мардумамон ба ҳисоб меравад.

Дар ин лаҳзаҳои идона бори дигар ба тамоми мутахассисону бунёдгарони Нерӯгоҳи барқи обии «Роғун», ки шабонарӯзӣ дар ин арсаи заҳмати созанда корнамоӣ нишон медиҳанд ва ба кулли сокинони мамлакат барои саҳми ватандӯстонаашон дар бунёди ин иншооти тақдирсози аср миннатдории самимӣ баён менамоям.

Моҳи марти соли 2018 аз ҷониби Созмони Милали Муттаҳид ташаббуси чоруми Тоҷикистон дар ҷодаи ҳалли яке аз проблемаҳои глобалии сайёра таҳти унвони «Даҳсолаи байналмилалии амал "Об барои рушди устувор, солҳои 2018-2028" пазируфта шуд.

Роҳҳои татбиқ ва ҳадафу вазифаҳои он моҳи июни соли ҷорӣ дар шаҳри Душанбе дар Конфронси байналмилалии сатҳи баланд муайян гардиданд.

Соли 2018 боз аз он ҷиҳат хотирмон аст, ки дар муносибатҳои ду давлати дӯсту бародар – Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Ӯзбекистон гардиши куллӣ ба амал омад.

Бо иродаи қавии роҳбарони ҳар ду давлат дар як муддати кӯтоҳ ҳамаи мушкилоту масъалаҳои солҳои тӯлонӣ дар байни ду кишвари ҳамсоя бавуҷудомада ҳаллу фасл гардида, барои амалӣ шудани нияту орзуҳои деринаи халқҳои бародари мо заминаи мустаҳкам фароҳам оварда шуд ва муносибатҳои ду кишвар ба сатҳи шарикии стратегӣ бардошта шуданд.

Бовар дорам, ки мардумони кишварҳои мо дар оянда низ анъанаҳои бисёрасраи хешутаборӣ, дӯстӣ ва ҳамсоягии некро устувор гардонида, ҳамкориро дар ҳамаи самтҳои ҳаёти иҷтимоиву иқтисодӣ ва илмиву фарҳангӣ беш аз пеш вусъат мебахшанд.

Дар соле, ки сипарӣ шуда истодааст, корҳои омодагӣ ба истиқболи шоистаи сисолагии ҷашни мубораку муқаддаси Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар тамоми гӯшаву канори кишвар оғоз гардиданд.

Итминон дорам, ки дар соли нави 2019 низ амалҳои ватандӯстонаи мардуми шарифи кишвар дар бунёди иншооти гуногун вусъати бештар пайдо намуда, ба ин васила бисёр мушкилоти иҷтимоии дар шаҳру ноҳияҳо ва деҳоти мамлакат ҷойдошта бартараф карда мешаванд.

**Ҳамватанони азиз!**

Тоҷикон аз замонҳои қадимтарин мардуми ҳунарманду фарҳангдӯст буданд ва ҳамеша ба касбу ҳунарҳои аҷдодӣ арҷ мегузоштанд.

Ин хислати хуб ва шуғли ҳамарӯзаи гузаштагон, яъне ҳунару ҳунармандӣ дар байни мардуми мо ҳанӯз побарҷост.

Беҳуда нест, ки тарғиби касбу ҳунар дар адабиёти оламшумули тоҷик яке аз мавзӯъҳои асосӣ будааст.

Маҳз бо дарназардошти аҳаммияти ин масъала мо соли 2018-ро Соли рушди сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ эълон кардем, ки ба шарофати ин иқдом на танҳо шумораи зиёди иншооти соҳаи сайёҳӣ бунёд гардида, сатҳи хизматрасонӣ дар ин самт хеле боло рафт, балки доир ба эҳёи касбу ҳунарҳои фаромӯшшуда чораҳои зарурӣ амалӣ шуда истодаанд.

Мо мақсад дорем, ки бо ҳамин роҳ бисёр мушкилоти иҷтимоии аҳолиро бартараф намоем ва барои баланд бардоштани сатҳу сифати зиндагии мардум заминаи мусоид фароҳам орем.

Бо мақсади идома додани ин раванд, мо солҳои 2019-2021 — ро «Солҳои рушди деҳот, сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ» эълон кардем.

Доир ба дастовардҳои сол ва вазифаҳои дарпешистода чанд рӯз пештар дар паёми худ ибрози назар карда, таъкид намудам, ки мо ҳама якҷо бояд содиқона заҳмат кашида, Ватанамонро обод ва давлати соҳибистиқлоламонро нерӯманду пешрафта гардонем.

Мо вазифадорем, ки бо саъю талоши аҳлона нуфузу обрӯи давлати тоҷиконро дар арсаи байналмилалӣ баланд бардорем.

Дар шароити ниҳоят пуртазоду ҳассоси ҷаҳони муосир тавассути бунёди қасру марказҳои фарҳанг, осорхонаву китобхонаҳо, баргузор намудани чорабиниҳои фарҳангӣ, таҷлили солгарди бузургони илму адабиёт баланд бардоштани сатҳи маърифати аҳолӣ, тарғиби илму донишҳои муосир, густариши худшиносии таърихиву фарҳангӣ дар байни наврасону ҷавонон ва дар рӯҳияи ватандӯстӣ тарбия намудани онҳо аҳаммияти хосса дорад.

Зеро чунин иқдом роҳи бисёр муассири истодагарӣ кардан ба оқибатҳои манфии раванди ҷаҳонишавӣ, ҳимояи манфиатҳои миллӣ, таъриху фарҳанг, забони давлатӣ, расму ойин, суннату анъана ва одобу ахлоқи ҳамидаи халқамон мебошад.

Дар ин раванд, мо бояд ба қадри давлати соҳибистиқлол ва Ватани озоду соҳибихтиёрамон расем, сулҳу оромӣ, суботи сиёсӣ ва ваҳдати миллиро таҳкиму тақвият бахшем.

Эътимоди комил дорам, ки мо бо заҳмати ватандӯстонаву аҳлонаи халқи шарафмандамон ҳамаи ҳадафҳои созандаи дар соли нави 2019 ба нақша гирифтаамонро сарбаландона амалӣ намуда, пояҳои истиқлолияти давлатамонро таҳким мебахшем ва Ватани азизамонро боз ҳам ободу зебо мегардонем.

Бо изҳори ҳамин ниятҳои нек бори дигар ҳамаи сокинони сарбаланду қавиирода ва заҳматқарину ватандӯсти мамлакат, ҳамчунин, ҳамватанони бурунмарзиамонро бо фарорасии Соли нави мелодии 2019 сидқан табрик гуфта, ба хонадони ҳар яки шумо зиндагии пурнишот, ризқи фаровон, саломативу иқболи нек ва ба Тоҷикистони азизу маҳбубамон суботу оромӣ, ваҳдати ҷовидонаи миллӣ ва пешрафти рӯзафзун орзу менамоям.

**Соли нави мелодӣ муборак бошад, ҳамватанони азиз!**

# МАҶЛИСИ ҲУКУМАТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН



**28 декабри соли 2018 таҳти раёсати Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ — Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Раиси Ҳукумати мамлакат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон маҷлиси Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон баргузор гардид.**

Дар кори маҷлиси Ҳукумат нахуст масъала "Дар бораи Нақшаи кори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар нимсолаи якуми соли 2019" мавриди баррасӣ қарор дода шуд.

Дар хусуси тадбирҳои иҷрои Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи Буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои соли 2019" ва Оид ба таҳияи нишондиҳандаҳои Буҷети давлатӣ барои солҳои 2020-2022 ва лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи Буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои соли 2020" гузориши Вазири молияи ҷумҳурӣ Файзиддин Қаҳҳорзода шунида шуд.

Дар бораи лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Оид ба ворид намудани иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи мақоми пойтахти Ҷумҳурии Тоҷикистон", Дар бораи лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи дигар пардохтҳои ҳатмӣ ба буҷет" ва Дар бораи лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Оид ба ворид намудани илова ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи низоми иҷозатдиҳӣ" Вазири рушди иқтисод ва савдо Неъматулло Ҳикматуллозода гузориш дод.

Сипас, аз ҷониби аъзои Ҳукумати мамлакат лоиҳаҳои қонунҳо Дар бораи лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Оид ба ворид намудани тағйиру илова ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи хизмати давлатӣ", Дар бораи лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Оид ба ворид намудани тағйиру илова ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи мубориза бар зидди коррупсия", Дар бораи лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи экспертизаи зиддикоррупсионии санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва лоиҳаҳои санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ", баррасӣ ва ба Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ирсол карда шуданд.

Дар кори маҷлиси Ҳукумати кишвар инчунин масъалаҳо Дар бораи Стратегияи миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба паст кардани хавфи офатҳои табиӣ барои солҳои 2019-2030, Дар бораи Тартиби додани кафолатҳо ба кормандони тиб ва дигар кормандоне, ки бевосита дар расонидани кӯмаки зидди бемории сил иштирок менамоянд ва Номгӯйи кормандони тиб ва дигар кормандоне, ки бевосита дар расонидани кӯмаки зидди бемории сил иштирок менамоянд ва Дар бораи таъсис додани муассисаи давлатии "Бизнес-инкубатори Тоҷикистон", муҳокима гардида, вобаста ба татбиқи онҳо қарорҳои дахлдор қабул карда шуд.

Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ — Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Раиси Ҳукумати мамлакат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон баъди муҳокимаи масъалаҳои рӯзномаи кори маҷлиси Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аъзои ҳукумат, роҳбарони вазорату идораҳо ва шаҳру ноҳияҳои мамлакатро ҷиҳати таъмини иҷрои саривақтии дастуру супоришҳо, нишондиҳандҳои Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси Олӣ, омодагии ҳамаҷониба ба истиқболи ҷашни бузурги миллӣ — 30 — солагии Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон, вазифадор намуданд.

Дастуру супоришҳои дигар доир ба вусъати корҳои ободониву созандагӣ, ҷамъбасти соҳаҳои иқтисодию иҷтимоии мамлакат дар соли 2018, омодагӣ ба гузаронидани фасли зимистон, таъмини бемайлони аҳолӣ ва иншооти хоҷагии халқи мамлакат бо барқу гармӣ, захираи маводи кофии сӯхт, дода шуданд.

# БОЗДИДИ ПЕШВОИ МИЛЛАТ ЭМОМАЛӢ РАҲМОН АЗ МАКТАБ-ИНТЕРНАТИ РАҚАМИ 1 БАРОИ КӮДАКОНИ ЯТИМИ ШАҲРИ ДУШАНБЕ

**28 декабр Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ — Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ва Раиси шаҳри Душанбе муҳтарам Рустами Эмомалӣ аз Муассисаи давлатии таҳсилоти умумии асосӣ – Мактаб-интернати рақами 1 барои кӯдакони ятими шаҳри Душанбе, ки аз таъмири асосӣ бароварда шудааст, боздид ба амал оварданд.**





Муассисаи таълимӣ барои 550 нафар тарбиятгиранда пешбинӣ гардида, айни ҳол дар он 305 нафар хонанда ба таҳсил фаро гирифта шудааст. Аз шумораи умумии тарбиятгирандагон 33 нафар ятими кулл, 10 нафар бепарастор, 38 нафар бемодар ва 225 нафар бепадар буда, аз онҳо 78 нафарашонро духтарон ташкил медиҳанд.

Дар ин ҷо 55 нафар омӯзгорону мураббиён бо маълумоти олии касбӣ фаъолият менамоянд, ки аз ин шумора 41 нафарашон занон ва 36 нафарро кормандони хоҷагӣ ташкил медиҳанд.

Барои таъмини синфхонаҳо бо гармӣ Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳри Душанбе системаи гармидиҳии мактабро пурра таъмир кардааст. Бахри фароҳам овардани шароити муосири илмомӯзӣ роҳбарияти шаҳри Душанбе ба хонандагон як адад автобуси нав, барои ҳамаи синфхонаҳо тахтаи электронӣ, компютерҳои навтарин тақдим намуданд.

Ҳамин тавр, муассиса бо 30 адад тахтаи электронӣ, 65 компютери корӣ, 11 ноутбук ва 76 адад камераи назоратӣ таъмин мебошад.

Бо таваҷҷуҳ ба рушди соҳаи варзиш ва ҷалби ҷавонон ба варзиш аз ҷониби Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳри Душанбе ду майдончаи муосири варзишӣ бунёд карда шуд.

Мактаб- интернати рақами 1 барои кӯдакони ятим, ки яке аз калонтарин муассисаи таълимии ҷумҳурӣ ба ҳисоб меравад, соли 1972 дар заминаи "Мактаб — интернат барои кӯдакони ятим ва бепарастор" таъсис ёфтааст ва бо гузашти солҳо шароити будубоши он ба талаботи рӯз ҷавобгӯ набуд.

Бо дастуру ҳидоятҳои инсондӯстонаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ — Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар вохӯрӣ бо масъулону фаъолони шаҳри Душанбе 15 феврали соли 2017 соҳибкори ватандӯст, директори Ҷамъияти дорои масъулияти маҳдуди "Сарманзил" Маҳмудҷон Муродов иқдом пеш гирифт, ки аз ҳисоби даромади софи корхонааш муассисаи таълимии мазкурро пурра аз таъмири асосӣ барорад.

Ҳамин тавр, дар рафти корҳои таъмиру навсозӣ бо маблағи зиёда аз 6 миллиону 800 ҳазор сомонӣ ҳудуди муассиса дар масоҳати 700 метри мураббаъ мумфарш гардид. Ошхонаи наву замонавӣ бо 450 ҷойи нишаст таъмир, барои 500 нафар мизу курсиҳо таъмин ва толори барҳавои маҷлис бо 350 ҷой бо нақшу нигори миллӣ ва гаҷкорӣ оро дода шуд.

Дар оянда соҳибкори ватанӣ Маҳмудҷон Муродов нақша дорад, ки барои бошандагони мактаб — интернат ҳавзи шиноварӣ, барои омӯзгорон хобгоҳи замонавӣ ва барои нигаҳдории хӯрокворӣ сардхона ба истифода диҳад.

Бинои таълимии муассисаи мазкур бо ҳамаи шароити зарурӣ таъмин буда, дар се ошёнаи он 22 синфхонаи фаннӣ, 19 кабинети корӣ, 18 адад хонаи хоб бо 330 кат, 2 ҳуҷраи бозии кӯдакон, 2 майдончаи варзишӣ, 1 толори барҳавои варзишӣ, 2 маҷлисгоҳ ва дигар инфрасохтори зарурӣ муҷаҳҳаз гардонида шудаанд. Дар ин ҷо тарбиятгирандагон ҳамчунин имкон доранд, ки технологияи муосири компютерӣ ва забонҳои хориҷиро дар сатҳи зарурӣ аз худ намуда, аз озмоишгоҳҳои фанҳои дақиқ ва толори фарҳангӣ ба таври васеъ истифода намоянд.

Баъди шиносоӣ бо корҳои анҷомёфта Президенти мамлакат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба соҳибкори ватанпарвар Маҳмудҷон Муродов барои дастгирии сиёсати иҷтимоии Ҳукумати кишвар, иқдомҳои башардӯстонаи Сарвари давлат ва анҷоми корҳои хайр изҳори сипос карданд.

Пас аз боздид аз синфхонаҳо ва дигар шароити таълиму зисти бошандагони мактаб — интернат дар толори зебову мунаққаш Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бо хонандагон мулоқоти самимӣ доир карда, оид ба таваҷҷуҳу ғамхории пайвастаи роҳбарияти давлату Ҳукумати мамлакат нисбат ба табақаи эҳтиёҷманди аҳолӣ андешаронӣ карданд.

Дар ҳамин ҷо Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба ҳар як нафар тарбиятгирандаи мактаб — интернати рақами 1 туҳфаҳо, аз қабили сару либоси зимистона, шириниҳо ва дигар лавозимоти хониш тақдим карданд.

Мавриди зикр аст, ки давоми солҳои соҳибистиқлолии кишвар Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон солҳои 2004, 2012 ва 2013 ба аёдати бошандагони Мактаб — интернати рақами 1 омада, бо шароити таълиму зисти онҳо шинос шуда буданд.

**Бо мақсади таъмини риояи қонунгузории андоз ва иҷрои саривақтии Фармоишҳои Раиси Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон санҷиши андозҳои Раёсати андоз дар вилояти Суғд ва мақомоти ҳудудии он дар 11 моҳи соли 2018 як қатор чорабиниҳо вобаста ба татбиқи назорати андоз амалӣ шуданд.**

# САНҶИШИ АНДОЗҲО

## ДАР ВИЛОЯТИ СУҒД

Дар ин давра фаъолияти 1524 андозсупоранда мавриди санҷиши андоз қарор гирифта, ба маблағи 48,6 млн. сомонӣ андозҳои иловагӣ ошкор шуданд. Аз ин маблағ 43,4 млн. сомонӣ ба буҷет ворид гаштааст. Аз он ҷумла фаъолияти 330 адад андозсупоранда аз тарафи кормандони Раёсати андоз санҷида шуд, ки дар натиҷа 45,0 млн сомонӣ ва аз тарафи Нозиротҳои андози шаҳру ноҳияҳо 1194 адад андозсупоранда ба маблағи 3,6 млн сомонӣ андозҳои иловагӣ ошкор гардид. Дар маҷмӯъ, дар ёздаҳ моҳи соли 2018 ба буҷет якҷоя бо дарназардошти бақияи қарзҳои пешина 48,9 млн сомонӣ ворид гаштааст.

- Дар натиҷаи санҷишҳои гузаронидашуда дар 11 моҳи соли 2018 нисбати 29 андозсупоранда ба маблағи 8,2 млн сомонӣ протокол тартиб дода шуд, - зикр дошт сардори шуъбаи санҷиши андозҳои Раёсати андози вилояти Суғд Идибек Қутбиддинов. Аз ин ҳисоб ба қисми даромади буҷети давлатӣ 7,2 млн. сомонӣ ворид гардид. Бақияи маблағи андозҳои барилова ҳисобшуда ба санаи 01.12.2018 аз ҳисоби санадҳои ба мақомотҳои қудратӣ ирсолшуда 993,4 ҳазор сомониро ташкил медиҳад. Инчунин, дар ёздаҳ моҳи соли 2018 аз ҳисоби бақияҳои солҳои пешин ба маблағи 1,7 млн сомонӣ маблағи андозҳои ҳисобшуда ба буҷет пардохт шудааст. Ҷиҳати рӯёнидани қарзҳои мазкур аз ҷониби Раёсати андоз дар вилояти Суғд тибқи талаботи моддаҳои 72 – 76 Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон тамоми чораҳои маҷбуран ситонидани қарзи андозҳо татбиқ гардида, дар ин самт ҳамкорӣ бо мақомотҳои ҳифзи ҳуқуқ идома дорад.

Санҷиши фаъолияти андозсупорандагон ошкор сохт, ки аз тарафи андозсупорандагон, асосан, ҳангоми ҳисоб ва пардохти андоз аз арзиши иловашуда, андоз аз фоида, андоз аз даромад, нигоҳ доштани андоз дар манбаи пардохт ва андози иҷтимоӣ ба хато роҳ дода шудааст. Аз тарафи баъзе андозсупорандагон ҳисоботи муҳосибавӣ тибқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи баҳисобгирии муҳосибавӣ ва ҳисоботи молиявӣ» пеш бурда намешавад. Баҳисобгирии объектҳои андозбандӣ, шумораи коргарон ва истифодаи қувваи коргарони кироя пурра нишон дода нашудааст. Андози даромад аз ҳисоби фоидаи соф дар манбаи пардохт сари вақт таҳти андозбандӣ қарор дода нашудааст. Ҳангоми фурӯши молҳо манбаи андозбандӣ бо дарназардошти нархҳои бозорӣ ҳисоб нашуда, фоизҳо аз ҳисоби болонархиҳо паст ҳисоб гардидааст. Дар натиҷа, сол бозарар ва ё фоидаи ночиз ҷамъбаст шудааст. Дар асл, ҳаҷми гардиши мол зиёд буда, маблағи андозҳои ҳисобшуда кам мебошад.



Аз рӯи натиҷаи санадҳои санҷишии соли 2017 бино бар пурра пардохт накардани маблағи қарзи андозҳо тибқи талаботи пешбининамудаи моддаҳои 72 – 76 Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон чораҳои маҷбуран ситонидани қарзи андозҳо татбиқ шудааст. Аз он ҷумла, нисбати КДФ «Шираи гандум»-и шаҳри Исфара ба маблағи 443240 сомонӣ, ҶСК «Конибодом» ба маблағи 177269 сомонӣ, ки айни ҳол қарор дар бораи ситонидани қарзи андозҳо бо роҳи ҳабси молу мулк татбиқ гардидааст.

**Дар ёздаҳ моҳи соли 2018 барои истифода накардани мошини назоратӣ-хазинавии таҷҳизоти интиқолдиҳандаи электронӣ (МНХ), пешниҳод накардани ҳисобнома-фактураҳои электронии андоз аз арзиши иловашуда, тибқи талаботи моддаи 606 Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон нисбати 40 адад андозсупоранда ба маблағи 1 млн. 902 ҳазору 227 сомонӣ ҷаримаҳо татбиқ шудааст.**

Чи тавре ки сардори шуъбаи санҷиши андозҳои Раёсати андоз дар вилояти Суғд Идибек Қутбиддинов таъкид дошт, кормандон уҳдадор шудаанд, ки минбаъд ҳам корҳои назоратиро дар самти кам кардани бақияи қарзи андоз, ҳолатҳои пешниҳод накардани ҳисобнома-фактураҳои электронии андоз аз арзиши иловашуда, таъмини МНХ ва хариди назоратӣ пурзӯр намоянд.

**Тоҳирҷон ИСКАНДАРЗОДА,**
**вилояти Суғд**

# СУХАНИ ТАБРИКОТИИ РАИСИ КУМИТАИ АНДОЗИ НАЗДИ ҲУКУМАТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН ДАВЛАТЗОДА НУСРАТУЛЛО МУҚИМ БА МУНОСИБАТИ ФАРОРАСИИ СОЛИ НАВИ МЕЛОДИИ 2019



**(Аввалаш дар саҳ.1)**

Ба кор андохтани агрегати якуми Неругоҳи барқи обии “Роғун” - иншооти тақдирсози аср ва оянддаи дурахшони Тоҷикистон, ки ба шарофати он орзуи чандинсолаи мардуми шарифу заҳматқарини тоҷик амалӣ гардид, рӯйдоди бузурги дигари таърихии соли 2018 ва ибтидои гардиши куллӣ дар таърихи Тоҷикистони соҳибистиқлол ва як қадами устувору бузурги кишвари мо дар самти расидан ба ҳадафи якуми стратегии миллӣ - истиқлолияти энергетикӣ ба ҳисоб меравад. Инчунин, аз ҷониби Пешвои миллат ҳалли масъалаҳои дар тӯли зиёда аз ду даҳсола бавуҷудомадаи сиёсиву иқтисодӣ ва тиҷоратӣ бо Ҷумҳурии Ӯзбекистон рӯйдоди сеюми таърихӣ дар ҳаёти иҷтимоиву иқтисодӣ ва маънавии мардум арзёбӣ шуд.

Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон фаъолияти худро ба самти ноил шудан ба ҳадафҳои дар Стратегияи миллии рушд пешбинигардида равона карда, баланд бардоштани сатҳу сифати зиндагии мардумро тавассути ҳалли масъалаҳои пешрафти устувори иқтисодӣ, такмили низоми идораи давлатӣ, васеъ намудани имкониятҳои содиротии мамлакат, беҳтар кардани фазои сармоягузорӣ ва инкишофи бахши хусусӣ ҳадафи олии худ эълон намудааст.

Бо изҳори қаноатмандӣ метавон қайд намуд, ки соли 2018 мардуми меҳнатқарини Тоҷикистон барои ноил шудан ба нишондиҳандаҳои дар Стратегия пешбинишуда қадамҳои устувор гузошт. Бояд тазаккур дод, ки тамоми дастовардҳо, созандагию бунёдкориҳо маҳз бо шарофати соҳибихтиёрию соҳибистиқлолии мамлакатамон ва бо ҳидоятҳои Сардори давлат ба даст омада, амалӣ гаштаанд.

Имрӯзҳо мо зери таассуроти Паёми навбатии Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон қарор дорем. Чун ҳамешагӣ дар Паём ба тамоми самтҳои ҳаёти кишвар, аз ҷумла, ба ҳолати кунунии иқтисодиёти он баҳои воқеӣ дода шуда, ҷиҳати ҳалли масъалаҳои буҷетию андозӣ ва дастгирию самтҳои рушди минбаъдаи соҳибкорӣ дастуру супоришҳо ироа карда шуд.

Чуноне ки дар Паёми Сардори давлат қайд гардид, дар зарфи бисту ҳафт соли Истиқлолияти давлатӣ мо ба шарофати заҳмати софдилонаи халқамон дар роҳи таъмин намудани рушди сиёсиву иқтисодӣ ва иҷтимоиву фарҳангии кишвар ба натиҷаҳои назаррас ноил гардидем.

Дар натиҷаи амалӣ намудани вазифаҳои муқарраршуда соли 2018 рушди маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ дар сатҳи 7,3 фоиз ҷамъбаст гардида, таваррум дар сатҳи 5,4 фоиз нигоҳ дошта шуда, пешрафти соҳаҳои мухталифи иқтисодӣ, бахусус, бахшҳои истеҳсолӣ таъмин гардид.

Рушди бахши хусусӣ, аз ҷумла соҳибкорӣ яке аз самтҳои асосии сиёсати иқтисодӣ буда, то имрӯз доир ба дастгирии давлатии соҳибкорӣ, содагардонии расмиёти бақайдгирии соҳибкорӣ, танзими фаъолияти иҷозатдиҳӣ ва ба танзим даровардани санҷишҳои субъектҳои хоҷагидор корҳои назаррас ба анҷом расонида шуд.

Тавре ки Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Паёмашон ёдовар шуданд, соли 2018 бо мақсади бартараф намудани санҷишҳои беасосу такрорӣ ва фароҳам овардани фазои мусоид барои рушди соҳибкорӣ ба ҳама гуна санҷишҳои фаъолияти соҳибкорони истеҳсолӣ дар давоми ду сол мораторий эълон гардида буд, ки аз он қариб 2000 субъектҳои соҳибкорӣ дар соҳаҳои истеҳсолӣ бархӯрдор гардиданд.

Барои тақвият бахшидан ба ин раванд, Пешвои миллат зарур шумориданд, ки солҳои 2019-2020 тамоми санҷишҳои фаъолияти субъектҳои соҳибкорӣ дар соҳаҳои истеҳсолӣ манъ карда, муқаррароти Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи мораторий ба санҷишҳои фаъолияти субъектҳои соҳибкорӣ дар соҳаҳои истеҳсолӣ” ба ҳамаи мақомоти санҷишу назорат ва ҳифзи ҳуқуқ, аз ҷумла Прокуратураи генералӣ, Палатаи ҳисоб, Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсия, Бонки миллӣ ва мақомоти андозу гумрук татбиқ карда шаванд.

Ҳамчунин, бо мақсади таъмин намудани риояи дақиқи муқаррароти қонунгузорӣ дар самти мораторий аз ҷониби Сардори давлат ба Прокуратураи генералӣ супориш дода шуд, ки дар ҳамкорӣ бо Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатӣ нисбат ба масъулони мақомоти давлатие, ки ба фаъолияти соҳибкорон беасос дахолат карда, садди роҳи рушди соҳибкорӣ мешаванд, чораҳои зарурӣ андешад.

Бинобар ин, бо мақсади боз ҳам беҳтар намудани фазои соҳибкорӣ мо бояд тибқи дастуру роҳнамоиҳои Пешвои миллат бахши хусусӣ, соҳибкории хурду миёна, бахусус, соҳибкорони истеҳсолиро ҳамаҷониба дастгирӣ карда, ҷиҳати ҷалби сармоя дар ин самт тадбирҳои иловагиро амалӣ гардонем, ҳангоми адои вазифаҳои хизматӣ ва хизматрасонӣ ба шаҳрвандон ва андозсупорандагон қонунгузории ҷорӣ ва одоби муоширатро қатъан риоя намоем.

Вобаста ба ин, мехоҳам таъкид намоям, ки барои корманди мақомоти андоз таъмини иҷрои муқаррароти Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон, Қонун дар бораи мораторий, Кодекси одоби хизматчии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Кодекси одоби касбии корманди мақомоти андоз ҳатмӣ буда, корманди мақомоти андоз бояд ҳуқуқу манфиатҳои қонунии субъектҳои хоҷагидорро эътироф, эҳтиром, риоя ва ҳифз намояд, манфиати давлатро аз манфиати шахсӣ боло гузорад ва нисбати муроҷиати шаҳрвандон бодиққат ва бомасъулият муносибат кунад, аз суистифода намудан аз мақоми хизматӣ худдорӣ намояд.

Мақомоти андози Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки зодаи Истиқлолияти давлатии кишвар аст, таҳти роҳбарии Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ва Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, инчунин тавассути заҳматҳои пайвастаи роҳбарият ва кормандони соҳа ба яке аз ниҳодҳои бонуфузи мамлакат табдил ёфтааст.

Бояд қайд намуд, ки маҳз таҳти роҳнамоиҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дастгирии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон тайи солҳои охир маъмурикунонии андоз дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, дар маҷмӯъ, дуруст муайян гардида, самтҳои афзалиятноке, ки барои рушди минбаъдаи мақомоти андоз дар Ҷумҳурии Тоҷикистон интихоб шудаанд, ҷавобгӯи тамоюлҳои муосири байналмилалии рушди мақомоти андоз ва татбиқи онҳо, пеш аз ҳама, дониши мукаммали касбӣ ва масъулияти баланди кормандони соҳаро тақозо менамояд.

Яке аз самтҳои афзалиятноки фаъолияти мақомоти андоз беҳтару хубтар ба роҳ мондани хизматрасонӣ ба андозсупорандагон мебошад ва имрӯз мо бо изҳори қаноатмандӣ гуфта метавонем, ки дар ин самт мақомоти андоз тавонистанд як қатор корҳоро ба анҷом расонанд. Аз ҷумла, солҳои охир бо мақсади фароҳам овардани шароити мусоиди соҳибкорӣ барои ба роҳ мондани пешниҳоди электронии эъломияҳо ва таҳияи ҳисобнома-фактураҳо, васеъ намудани хизматрасонии электронӣ ба субъектҳои хоҷагидор оид ба ҳисоб ва пардохт намудани андозҳо, осон намудани оғози бақайдгирии фаъолияти соҳибкорӣ чораҷӯӣ карда шуд.

Дар ёздаҳ моҳи соли 2018 шумораи субъектҳои хоҷагидоре, ки эъломияҳои худро ба мақомоти андоз дар шакли электронӣ пешниҳод менамоянд, 16920 адад зиёд шуда, дар натиҷа имрӯз бо истифода аз барномаи компютерии “Утоқи шахсии андозсупоранда” зиёда аз 76 ҳазор андозсупоранда эъломияҳои худро бо тартиби мазкур пешниҳод намуда истодаанд ва ҷиҳати ба тартиби мазкур гузаронидани андозсупорандагони боқимонда чораҷӯиҳо идома доранд.

Бо мақсади бештар ва беҳтар намудани корҳои тавзеҳотию фаҳмондадиҳӣ бо андозсупорандагон, машғулиятҳои бозомӯзӣ бо кормандони соҳа ва дар маҷмӯъ афзун намудани самаранокии чорабиниҳои мазкур, мақомоти андоз кӯшиш намуда истодаанд, ки дар ин самтҳои фаъолият аз имкониятҳои технологияи ҳозиразамони иттилоотӣ бештар истифода намоянд ва мавриди амал қарор додани толорҳои видеоконференсия дар Дастгоҳи марказии Кумитаи андоз, дар биноҳои раёсатҳои андоз дар Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилояти Суғд ва дар минтақаи Кӯлоби вилояти Хатлон, дар шакли Маркази тамос ба роҳ мондани фаъолияти Бахши иттилоотӣ, гувоҳи ин гуфтаҳоянд.

Аммо корҳои анҷомдодашуда ҳоло ҳам моро қаноатманд карда наметавонанд ва омӯзиши таҷрибаи пешқадами давлатҳои хориҷа нишон медиҳад, ки моро зарур аст дар ин самтҳо корҳои навро ба анҷом расонем ва ташаббусҳои тозаро роҳандозӣ намоем.

Аз ҷониби Пешвои миллат Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Паём ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод карда шуд, ки бо мақсади дастгирии минбаъдаи соҳибкорон дар кишварамон “300 рӯзи ислоҳот оид ба дастгирии соҳибкорӣ ва беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ” амалӣ карда шавад.

Бинобар ин, моро зарур аст, ки ба самтҳои фаъолияти соҳа оид ба бештар ва сифатноктар намудани корҳои тавзеҳотию фаҳмондадиҳӣ ва хизматрасонӣ ба субъектҳои хоҷагидор боз ҳам тақвият бахшем ва иҷрои пурраи супоришҳои Сардори давлатро дар доираи ваколатҳои худ таъмин намоем.

Шароити хуби корӣ ба афзоиши самаранокии фаъолияти кормандони соҳа мусоидат менамояд. Бо мақсади фароҳам овардани шароити мусоид барои фаъолияти пурсамари кормандони мақомоти андоз ва иҷрои уҳдадориҳои андоз аз ҷониби андозсупорандаҳо, бо дастгирии Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар даҳ соли охир 35 бинои нави маъмурии нозиротҳои андоз дар шаҳру ноҳияҳо сохта ва ба истифода дода шуданд, инчунин 5 бинои нозироти андоз азнавсозӣ гардиданд. Воқеан, фароҳам овардани шароити мусоди корӣ яке аз самтҳои барномаи рушди маъмурикунонии андоз буда, ба самаранокии фаъолияти кормандони соҳа хуб мусоидат хоҳад кард.

Соли 2019 оғози марҳалаи нав ба кору амали нек аст. Дар ин сол чун ҳамасола дар назди кормандони соҳаи андоз вазифаҳои пурмасъулият истодаанд, ки ин пеш аз ҳама, иҷрои нишондиҳандаҳои Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои соли 2019», ба анҷом расонидани татбиқи амалии «Барномаи рушди маъмурикунонии андоз» ва дар маҷмӯъ, дастгирӣ намудани фаъолияти соҳибкорӣ ва беҳтар сохтани хизматрасонӣ ба андозсупорандагон мебошад ва мо бояд ҷиҳати иҷрои ин вазифаҳо тамоми донишу таҷрибаи худро истифода намоем.

Кормандони мақомоти андози кишвар аз Паёми навбатии Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии мамлакат, ки 26 декабри соли 2018 ироа гардид, таассуроти зиёд бардошта, дар заминаи дастуру супоришҳо ва таъкидҳои Сардори давлат, кӯшиш менамоянд, ки фаъолияташонро боз ҳам самараноктар ба роҳ монанд ва дар ҳамаи самтҳои фаъолият ба дастовардҳои нави меҳнатӣ ноил гардида, ба бовари Пешвои муаззами миллат ва Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон сазовор бошанд.

**Шуморо, ҳамкасбони азиз, бори дигар бо фарорасии Соли нави мелодӣ табрику таҳният гуфта, ба ҳамаатон тансиҳатӣ, сарбаландию некномӣ ва дар иҷрои вазифаҳои заҳматталабу пурмасъулиятатон барори кор орзу менамоям ва таманнои онро дорам, ки дар соли 2019 ва солҳои минбаъда дар Ватани маҳбуби мо сулҳу амонӣ пойдор ва рушди иқтисод устувор бошад.**

**Соли нави мелодӣ муборак, ҳамкорони азиз!**

# ВОСИТАИ МУАЙЯН НАМУДАНИ ДАРОМАДИ ВОҚЕЙ

**Имрӯзҳо, тавре ба назар мерасад, дар аксари марказҳои савдову хизматрасонӣ мошинҳои назоратӣ-хазинавии дорои таҷҳизоти интиқолдиҳандаи электронӣ (МНХ-и дорои ТИЭ) насб шуда, андозсупорандагон барои ҳисоббаробаркунии нақдӣ аз он истифода мекунанд. Истифодаи МНХ яке аз воситаҳои асосии муайян намудани даромади воқеии андозсупорандагон ба ҳисоб рафта, истифодаи он ҳангоми ҳисоббаробаркуниҳои пулӣ дар вақти фурӯши мол, иҷрои корҳо ва хизматрасониҳо бо пули нақд дар асоси моддаҳои 38-39 Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон ва қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 02.05.2013, №210 ҳатмӣ мебошад.**

Тибқи қонунгузорӣ мақомоти андоз вазифадоранд, ки аз ҷониби андозсупорандагон ҳангоми муомилоти пулӣ бо аҳолӣ истифодаи ҳатмии мошинҳои назоратӣ-хазинавии дорои хотираи фискалиро назорат намоянд. Зеро он яке аз воситаҳои асосии муайян намудани даромади воқеӣ ва гардиши пули нақдии андозсупорандагон ба ҳисоб рафта, барои дарёфти манбаъҳои иловагии андозбандӣ замина мегузорад.

Инчунин, барои халалдор насохтани фаъолияти андозсупоранда, бо истифода аз технологияҳои ҳозиразамон ба роҳ мондани пешниҳоди эъломия ва ҳисобот ба мақомоти андоз, анҷом додани таҳлилҳо дар доираи барномаҳои компютерӣ, дар ин замина то ҳадди максималӣ канорагирӣ намудан аз гузаронидани корҳои назоратӣ дар фаъолияти андозсупоранда, ҳамзамон баланд бардоштани сатҳ ва сифати хизматрасонии мақомоти андоз ба андозсупорандагон ҳам аз вазифаҳои асосии Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон маҳсуб мешаванд.

Истифодаи МНХ-и дорои ТИЭ имкон медиҳад, ки фаъолияти андозсупоранда ва интизоми ӯ оид ба истифодаи МНХ дар низоми мустақим зери назорат қарор гирифта, масъулияти андозсупоранда ҷиҳати риояи қонунгузории андоз баланд бардошта шавад, сатҳу сифати хизматрасонӣ ба андозсупорандагон беҳтар гардад.

Натиҷаи корҳои фаҳмондадиҳӣ ва назоратии мақомоти андоз имконият дод, ки субъектҳои соҳибкорӣ ҳангоми ҳисоббаробаркуниҳои нақдӣ нисбат ба солҳои қаблӣ аз МНХ зиёдтар истифода намоянд.

Тавре сардори шуъбаи назорати фаврии Раёсати санҷиши андозҳои Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Маҳмадсаид Давлатзода иттилоъ дод, дар 11 моҳи соли 2018 аз ҷониби мақомоти андоз дар фаъолияти андозсупорандагон 8324 адад МНХ насб карда шудааст.

Аммо новобаста аз таъкидҳои пайвастаи роҳбарияти Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, ҷаласаҳои қаблан гузаронидашуда ва барқияномаҳои ирсолгардида баъзе шаҳру ноҳияҳо аз иҷрои нишондиҳандаҳои таъмини МНХ дар 11 моҳи соли ҷорӣ набаромадаанд. Аз ҷумла шаҳру ноҳияҳои Шоҳмансур ҳамагӣ 81 фоиз, Сино 85 фоиз, Зафаробод 83 фоиз, Спитамен 86 фоиз, Панҷакент 88 фоиз, Хоруғ 16 фоиз, Ванҷ 36 фоиз, Дарвоз 15 фоиз, Рашт 24 фоиз, Сангвор 22 фоиз, Роғун 82 фоиз, Вахш 73 фоиз, Ҳамадонӣ 80 фоиз, Нозироти андозсупорандагони миёна (НАМ)- и Хуҷанд 56 фоиз, НАМ-и Бобоҷон Ғафуров 16 фоиз, НАМ-и Гулистон 36 фоиз, НАМ-и Бӯстон 39 фоиз, НАМ-и Ҷаббор Расулов 36 фоиз, НАМ-и Спитамен 11 фоиз, Нозироти андозсупорандагони калон (НАК)-и вилояти Суғд 45 фоиз таъмин кардаанд. Ҳамчунин, ноҳияҳои Рушон, Роштқалъа ва Шуғнон дар ин давра дар фаъолияти андозсупорандагон умуман МНХ насб накардаанд, ки ин аз бемасъулиятии кормандони нозиротҳои андози ноҳияҳои номбурда дарак медиҳад.

**Таъмини МНХ, аз як тараф, вазифаи мақомоти андоз бошад, аз тарафи дигар, масъулият ва уҳдадории худи соҳибкор ба ҳисоб меравад. Вале тавре дида мешавад, баъзе аз соҳибкорон дидаву дониста дар фаъолияти худ МНХ насб намекунанд ва ё насб ҳам кунанд, аз он ба таври бояду шояд истифода намекунанд.**

Маҳмадсаид Давлатзода сабабҳои аз МНХ истифода накардани андозсупорандагонро чунин маънидод намуд:

- Онҳо намехоҳанд мошини назоратӣ – хазинавӣ насб кунанду тамоми моли савдокарда ва маблағи даромадашонро нишон диҳанд. Дигар, мақомоти иҷроияи маҳалии ҳокимияти давлатӣ низ бояд дар мавриди бо МНХ таъмин кардани нуқтаҳои савдо ва хизматрасонӣ бо кормандони мақомоти андоз ҳамкорӣ намоянд. Яъне дар таъмини МНХ ва тахти назорат қарор додани онҳо нозиротҳои андоз наметавонанд дар танҳоӣ аз уҳдаи ин кор бароянд ва дар ин маврид кӯмаки мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии шаҳру ноҳияҳо ҳатмист. Ба ин кор, онҳо низ бояд диққат диҳанд, зеро ин амал ба ғанӣ гардидани буҷети маҳаллӣ таъсири мусбӣ мерасонад. Соҳибкор пеш аз он ки дар ҳудуди шаҳр ё ноҳия дӯкони савдо ё нуқтаи хизматрасонӣ кушояд, аввал аз мақомоти иҷроияи маҳаллии хеш иҷозат мегирад. Дар ин маврид, дар мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатӣ ба шахси ба соҳибкорӣ машғулшаванда хуб мешуд корҳои фаҳмондадиҳӣ анҷом диҳанд. Агар ин масъала роҳи ҳалли худро пурра ёбад, ба манфиати буҷети маҳаллӣ хоҳад буд.

Ба гуфтаи ӯ кормандони мақомоти ҳудудии андоз ҳам бояд дар ин самт назоратро ҷиддӣ кунанд. Мувофиқи талаботи моддаи 39 Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон ва қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 02.05.2013, №210 онҳо бояд назорати риояи тартиби истифодаи мошинҳои назоратӣ – хазинавии дорои хотираи фискалӣ, инчунин истифодаи Дафтари сабти маблағҳои пули нақд ва Дафтари сабти расидҳо (квитансияҳо) ва дигар ҳуҷҷатҳои ҳисоботи қатъиро, ки шаклҳои онҳоро Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар мекунад, амалӣ намоянд.

## Ё Насбу истифодаи МНХ-ҳо дар кадом ҳолат қарор дорад?



Мавсуф гуфт, ки дар баробари он ки баъзе аз шаҳру ноҳияҳо аз уҳдаи таъмини нишондиҳандаи МНХ набаромадаанд, ҳастанд шаҳру ноҳияҳое, ки нишондиҳандаи таъмини МНХ-ро барзиёд иҷро намудаанд. Аз ҷумла шаҳру ноҳияҳои Фирдавсӣ, Хуҷанд, Деваштич, Гулистон, Бобоҷон Ғафуров, Бӯстон, Ашт, Кӯлоб, Восеъ, Фархор, Балҷувон, Қубодиён, Хуросон, Ҷалолиддини Балхӣ, Кушониён, Ёвон, Шаҳринав, Рӯдакӣ, Ваҳдат, Нозироти андозсупорандагони калон (НАК)-и Дастгоҳи марказии Кумитаи андоз ва НАК-и Душанбе на танҳо нишондиҳандаҳои пешбинишударо пурра, балки онро барзиёд иҷро намудаанд. Инчунин, дар 11 моҳи соли 2018-ум 2735 адад андозсупорандаи шаҳри Душанбе, 2911 адад андозсупорандаи вилояти Суғд, 1454 адад андозсупорандаи нозиротҳои андози вилояти Хатлон, 1208 адад андозсупорандаи ноҳияҳои тобеи марказ бо МНХ таъмин шудаанд.

Ҳарчанд, Кумитаи андоз давра ба давра андозсупорандагонро бо МНХ таъмин намуда истодааст, аммо шумораи субъектҳои соҳибкорие, ки бе истифодаи МНХ фаъолият менамоянд ва ё ин ки МНХ - и онҳо бо ТИЭ муҷаҳҳаз нест, ҳоло ҳам ба чашм мерасад. Ёдовар мешавем, ки мутобиқ ба тағйироти ба моддаи 38 Кодекси андоз воридгардида, ки аз 1-уми январи соли 2017 мавриди амал қарор дорад, МНХ бояд қобилияти интиқоли электронии маълумотро дошта бошад.

Дар доираи маълумоти тариқи электронӣ аз МНХ – ҳои соҳибкорон воридгардида, Кумитаи андоз назорати раванди истифодабарии мошинҳои назоратӣ – хазинавӣ ва додани чипта ба истеъмолгаронро зери назорат қарор дода, пеш аз ҳама, бо андозсупорандагоне, ки дар мавриди истифодаи мошинҳои назоратӣ – хазинавӣ ба қонунвайронкуниҳо роҳ медиҳанд, корҳои фаҳмондадиҳӣ анҷом медиҳад.

Ёдрас мешавем, ки яке аз роҳҳои пурра ба андозбандӣ фаро гирифтани даромади воқеии андозсупорандаҳо мавриди истифодаи дуруст қарор додани мошини назоратӣ – хазинавӣ (МНХ) мебошад. Насбу истифодаи МНХ ҳам барои худи соҳибкорон, ҳам коргарони нуқтаҳои савдою хизматрасонӣ, ҳам истеъмолкунандагон ва ҳам ғановати буҷету рушди иқтисоди кишвар аҳамияти калон дорад.

Аз ин рӯ, соҳибкоронро зарур аст, ки зимни истифодаи МНХ масъулият эҳсос кунанд ва ба харидорон пайваста аз МНХ чипта пешниҳод намоянд. Ҳамзамон, ҷиҳати тақвият бахшидан ба раванди таъмини соҳибкорон бо МНХ мақомоти ҳудудии андоз бояд бо истифода аз таҳлили барномаҳои СИА корро дар ин самт ҷоннок намуда, пеш аз ҳама, нисбати он субъектҳое, ки бархилофи талаботи муқарраргардида дар фаъолияташон аз МНХ истифода намекунанд, инчунин андозсупорандагонеро, ки аз оғози фаъолияташон 3 моҳ гузаштааст, бо МНХ-и дорои ТИЭ таъмин намоянд.

**Мазҳаб ҶУМЪА**

## Налоги за рубежом

# Великобритания второй год подряд признается Forbes наиболее подходящей для бизнеса страной



Эксперты Forbes вновь признали наиболее подходящей для ведения бизнеса страной мира Великобританию. Обновленный рейтинг The Best Countries For Business опубликован на сайте журнала, передает РБК. Первым в этом рейтинге королевство стало годом ранее и сумело удержать лидерство, несмотря на все опасения инвесторов по поводу того, к каким последствиям может привести выход страны из состава ЕС (Brexit).

В отчете Forbes отмечено, что Великобритания оказалась единственной страной, которая при ранжировании участников рейтинга не опустилась ниже 30-го места (в список Forbes включено 161 государство) ни по одному из 15 использовавшихся при расчете показателей (защита прав собственности, уровень коррупции, налоги, инновации, качество жизни и т. д.).

Второе место в обновленном рейтинге заняла Швеция, сумевшая обойти Новую Зеландию, которая брала «серебро» в течение предыдущих трех лет, и Нидерланды. На третье место поднялся Гонконг, годом ранее занимавший только шестое место.

Кроме того, в десятку лучших стран для ведения бизнеса вошли Канада, Дания, Сингапур, Австралия и Швейцария. Хуже всего бизнесменам, судя по рейтингу Forbes, приходится в Центральноафриканской республике, Конго, Гвинее-Бисау, Экваториальной Гвинее и Чаде.

Россия в обновленном рейтинге заняла 55-е место, что на три позиции выше, чем годом ранее. В то же время США опустились на пять позиций, с 12-го на 17-е место.

**https://sportmail.ru/news/football-foreign/35793137/**

# БАҚИЯИ ҚАРЗИ АНДОЗ КОҲИШ ЁФТ



**Мутобиқи талаботи Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии мавриди амал қарордошта пардохти саривақтии андоз ва иҷро намудани уҳдадориҳои андозӣ, ки қонун муайян кардааст, вазифаи муҳиму масъулиятноки ҳар як андозсупоранда маҳсуб меёбад. Мутаассифона, ҳолатҳои пайдоиш ва бо мурури вақт афзоиш ёфтани қарзи андоз, ки аз бемасъулиятии шахсони мансабдор ба амал меояд, дар фаолияти баъзе шахсони ҳуқуқию инфиродӣ ҳанӯз ҳам ҷой дорад.**

Ҳанӯз дар оғози соли 2018 дар ҷаласаи нахустини ситоди доимоамалкунандаи барҳамдиҳии бақияи қарзи андози мақомоти маҳаллии иҷроияи ҳокимияти давлатӣ дар ноҳияи Рӯдакӣ тибқи дастури Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон масъалаи дастгирии ҳамаҷонибаи соҳибкорон ва кам кардани бақияи қарзи андоз дар ноҳия мавриди муҳокимаи ҷиддӣ қарор ёфта буд. Дар ҷаласа роҳбарону фаъолони ноҳия камбудиҳои ҷойдоштаро ҷиддӣ муҳокима намуда, барои беҳбудӣ бахшидан ба вазъи молиявии корхонаҳои дар назди буҷа қарздор ва аз вартаи нокомиҳо баровардани онҳо маслиҳату дастурҳои муфиду самарабахш доданд. Аз ҷумла дар ҷаласа мақомоти андози ноҳия вазифадор карда шуд, ки нисбати масъалаи мазкур аз ҳарвақта дида ҷиддӣ муносибат намоянд ва бахри барҳамдиҳии бақияпулиҳои андоз чораҳои мушаххас андешанд.

Масъалаи мазкур бо супориши бевоситаи раиси ноҳия баъдтар дар байни кормандони мақомоти ҳудудии андоз низ васеъ муҳокима гардид. Фаъолияти мақомоти андоз ҳамаҷониба таҳлил карда шуда, сардорони бахшу шуъбаҳо ва нозирони минтақавӣ вазифадор шуданд, ки дар байни соҳибкорону андозсупорандагон корҳои тарғиботию фаҳмондадиҳиро аз ҳарвақта дида бештар ҷоннок намоянд ва ба он муваффақ гарданд, ки дар соли 2018 на камтар аз 20 фоизи маблағи қарзи андозҳо кам карда шавад. Ба ҷуз ин, дар назди мақомоти ҳудудии андоз гурӯҳи махсуси барҳамдиҳии қарзи андоз таъсис дода шуда, нозирони минтақавии шуъбаи хизматрасонӣ ба андозсупорандагон, аз ҷумла гурӯҳҳои хизматрасонӣ ба шахсони ҳуқуқӣ ва соҳибкорони инфиродӣ, шуъбаи баҳисобгирии андозҳо ба он шомил гардиданд ва назорати он ба зиммаи мудири бахши ситондани қарзи андозҳо гузошта шуд. Тадбирҳои андешидашуда дар самти барҳамдиҳии бақияи қарзи андоз натиҷаи дилхоҳ дод. Ба ҳолати 1 декабри соли 2018 дар ноҳия маблағи умумии бақияи қарзи андоз 6 664,2 ҳазор сомониро ташкил медиҳад, ки ин нисбат ба 01.01.2018 ба маблағи 1825,7 ҳазор сомонӣ кам мебошад.

Бо дарназардошти омилҳои мавҷуда метавон гуфт, ки ҳолатҳои пешгирии зиёдшавии бақияи қарзи андозҳо ва барҳамдиҳии он кори дастаҷамъона буда, мутобиқи талаботи бандҳои 11-13 Дастури методӣ «Дар бораи тартиби маҷбуран ситондани қарзи андозҳо», ки бо Фармоиши Раиси Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 18.01.2013, таҳти №22 дар мувофиқа бо Прокуратураи генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба тасвиб расидааст, барҳамдиҳии бақияпулиҳои андоз ва гирифтани пеши роҳи афзоиши он ба зиммаи кормандони масъули шуъба ва бахшҳои хизматрасонӣ ба андозсупорандагон гузошта шудааст. Мутобиқи талаботи дастури зикргардида, таҳия ва пешниҳоди огоҳинома оид ба таъмини иҷрои уҳдадориҳои андоз ба муҳлати 20 рӯз, таҳия ва ҷамъоварии ҳуҷҷатҳои зарурӣ (парвандаи назоратӣ) оид ба зарурати татбиқи чораҳои маҷбуран ситондани қарзи андозҳо маҳз ба зиммаи нозирони андози шуъба ва бахшҳои хизматрасонӣ ба андозсупорандагон вогузор шудааст. Бояд қайд кард, ки иҷрои дастури методӣ на дар ҳамаи мақомоти ҳудудии андоз ба таври бояду шояд таъмин карда мешавад. Чуноне аз суҳбат бо нозирони андози шуъбаю бахшҳои хизматрасонӣ ба андозсупорандагон бармеояд, қисми зиёди онҳо дар хусуси қарзи андози корхонаҳои минтақаи ба вай вобасташуда ва афзоиши он маълумоти кофӣ надоранд.

Бо мақсади ҳарчи бештар ба буҷет баргардондани маблағи қарзи андози андозсупорандагон кормандони мақомоти ҳудудии андоз дар ноҳияи Рӯдакӣ тибқи талаботи моддаи 72 Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Дастури методӣ «Дар бораи татбиқи маҷбуран ситондани қарзи андозҳо» барои дар муҳлати муқарраргардида таъмин накардани иҷрои уҳдадориҳои андозӣ аз тарафи андозсупорандагон нисбати онҳо чораҳои маҷбуран ситондани қарзи андозҳоро амалан татбиқ намуданд, ки ин амал, дар маҷмӯъ, натиҷаҳои мусбӣ ба бор овард.

Бояд қайд кард, ки дар асоси муқаррароти зербанди 1, банди 3, моддаи 72 Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон тавассути барномаи компютерии СИА «Идоракунӣ ва мониторинги қарзи андозҳо» дар 11 моҳи соли 2018 ба андозсупорандагони қарздор оид ба зарурати пардохти қарзи андоз 3087 адад огоҳинома ба маблағи умумии 25344,0 ҳазор сомонӣ, аз ҷумла 764 адад огоҳинома ба маблағи 23 845,0 ҳазор сомонӣ ба андозсупорандагони дар назди буҷа қарздори шахсони ҳуқуқӣ ва 2323 адад огоҳинома ба маблағи 1 498,9 ҳазор сомонӣ ба соҳибкорони инфиродӣ пешниҳод карда шудааст, ки аз ин ҳисоб дар ин давра беш аз 15 миллион сомонӣ ба буҷет пардохт гардид.

Ҳамчунин, дар 11 моҳи соли 2018-ум 186 қарор оиди маҷбуран ситонидани бақияи қарзи андозҳо нисбати 76 нафар андозсупоранда ба маблағи 10772,8 ҳазор сомонӣ татбиқ карда шудааст, ки 18 адади он оиди боздоштани амалиёти хароҷотии суратҳисоби бонкии андозсупоранда дар ташкилотҳои қарзӣ, 106 адад қарор оиди руёндани қарзҳои андоз аз ҳисоби бонкӣ маблағҳои дар суратҳисоби бонкӣ мавҷудбудаи андозсупоранда, 1 адад қарор оиди рӯёндани қарзи андоз аз ҳисоби гузаронидани ҳабси амвол ва фурӯши молу мулки зери ҳабс қарордоштаи андозсупоранда ва 61 адад қарор оиди рӯёндани қарзи андоз аз ҳисоби маблағҳои нақдии андозсупоранда татбиқ гардидааст.

**Қобили қайд аст, ки соли 2018 нисбат ба соли сипаришудаи 2017 ба миқдори 11 адад қарор ба маблағи 2329,6 ҳазор сомонӣ зиёд қабул карда шудааст, ки ин тадбири андешидаи кормандони андози ноҳияро метавон мусбӣ арзёбӣ намуд. Ҳамин тариқ, дар ёздаҳ моҳ аз ҳисоби қарорҳои қабулгардида маблағи 7981,8 ҳазор сомонии он ба буҷет пардохт шуд, ки ин нишондод 74,1 фоизи маблағи умумии қарорҳои қабулгардидаро ташкил медиҳад.**

Мебояд қайд кард, ки мутобиқи талаботи моддаи 79 Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳуқуқвайронкунии андоз кирдори (амал ё беамалии) зиддиҳуқуқии андозсупорандагон (агентҳои андоз) ва шахсони мансабдори онҳо, инчунин шахсони мансабдори мақомоти ваколатдор эътироф мешаванд, ки ба иҷро нагардидан ё ба таври дахлдор иҷро нагардидани талаботи Кодекси мазкур ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки назорати онҳо ба зиммаи мақомоти андоз вогузор шудааст, ҳуқуқвайронкунии андоз эътироф гардида, боиси ҷавобгарӣ мегардад. Аз ин лиҳоз вобаста ба талаботи зикргардида мақомоти ҳудудии андоз дар 11 моҳи соли 2018 нисбат ба андозсупорандагоне, ки ба ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ роҳ додаанд, дар маҷмӯъ, 622 протоколи ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ, ки маблағи он 937392 сомониро ташкил медиҳад, тартиб дода, аз маблағи мазкур 602898 сомониро ба буҷет ворид намуданд.

Қайд кардан бамаврид аст, ки тадбирҳои дар самти барҳам додани бақияпулиҳои қарзи андоз андешидашуда натанҳо дар кам шудани маблағи қарзи андозҳо мусоидат намуд, балки дар кори баланд бардоштани фарҳанги андозсупории андозсупорандагон низ бетаъсир намонд. Пас аз равнақ ёфтани корҳои фаҳмондадиҳӣ қисми зиёди андозсупорандагон суду зиёни қарзи андозро дарк карда, кӯшиш намуданд, ки қарзи андози худро дар назди буҷет ҳарчи зудтар ҳисобӣ намоянд.

Сардори хоҷагии деҳқонии «Бобои Намоз», соҳибкори инфиродӣ Ашӯралӣ Зоҳиров, соҳибкори инфиродӣ Рустам Худойбердиев, филиали идораи сохтмонии №2 ҷамъияти саҳомии кушодаи «Душанбестрой» (роҳбараш Каримҷон Ҳакимов), ширкати «Аҳмади Нур» (роҳбараш Каримхон Одинаев), Ҷамъияти дорои масъулияти маҳдуди «Рӯшди тиҷорат» (сардораш Янг Ҷианлин), Ҷамъияти дорои масъулияти маҳдуди «Симка» (роҳбараш Азим Алиев), Ҷамъияти дорои масъулияти маҳдуди «1001 шаб» (роҳбараш Фаридун Норматов), ширкатҳои «Муҳандис-К» (роҳбараш Саидаҳмад Маҷидов), «Аҷам-2016» (роҳбараш Аҳтамшоҳ Алиев) ва «Локомотив» (роҳбараш Шамсиддин Иброҳимов) аз зумраи андозсупорандагоне, ки дар назди буҷет қарздор мебошанд.

- Натиҷаҳои дар 11 моҳи соли 2018 ба даст овардаи Нозироти андози ноҳияи Рӯдакӣ дар самти барҳамдиҳии бақияи қарзи андозҳо нек арзёбӣ гардад ҳам, вале дар муқоиса нисбат ба имконияту захираҳои мавҷуда ҳанӯз кофӣ нест, - иброз намуд мудири бахши ситондани қарзи андозҳои нозироти андоз Абдулвоҳид Оев. - Зеро агар қарзи андоз, дар маҷмӯъ, 1 825,7 ҳазор сомонӣ кам шуда бошад ҳам, вале айни замон қарзи андоз дар ноҳия 6 664,2 ҳазор сомониро ташкил медиҳад, ки ин албатта, маблағи кам нест. Аз ин нуқтаи назар моро зарур меояд, ки корҳои тарғиботию фаҳмондадиҳиро боз ҳам равнақ бахшида, ба натиҷаҳои назаррастар ноил гардем.

**М. ТАБАРЗОДА**

Бо мақсади расонидани кӯмаки амалӣ дар таъмини иҷрои нишондиҳандаи қисми даромади буҷет, кам намудани бақияи қарзи андозҳо ва шумораи андозсупорандагони қарздор, татбиқи моддаҳои 600, 620, 623 Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон, инчунин, мавриди санҷиш қарор додани ҳолати иҷрои қарорҳои рӯёнидани қарзи андозҳо дар асоси Фамоиши Раиси Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Гурӯҳи корӣ ба Нозироти андозсупорандагони миёна сафарбар гирдид.

# ҲАДАФ - РАСОНИДАНИ КӮМАКИ АМАЛӢ

## БАҚИЯИ ҚАРЗИ АНДОЗҲО

Тибқи маълумоти Кумитаи андоз бақияи қарзи андозҳо дар Нозироти андозсупорандагони миёна ба санаи 01. 11. 2018-ум 58,7 миллион сомониро ташкил медиҳад.

Ба гуфтаи сардори Раёсати ситонидани қарзи андозҳои Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Зокир Қурбонов аз маблағи умумии қарзи андозҳои мақомоти ҳудудӣ 21 миллион сомониаш маблағҳое мебошанд, ки аз ҳисоби 35 адад ширкатҳои фаъолияташон моҳияти иқтисодинадошта, яъне ширкатҳои "якрӯза" пайдо гардидааст. Инчунин, 21,7 миллион сомониаш маблағҳое, ки дар натиҷаи фоизи ҷаримаҳои иловагӣ ҳисобшуда пайдо гардидаанд ва 14,4 миллион сомониаш ҳангоми гузаронидани корҳои назоратӣ (санҷиши ҳуҷҷатии маҷмӯи андоз) бавуҷудомада, мебошад.

## ШУМОРАИ ҚАРЗДОРОН

Тибқи маълумоти дастрасгардида шумораи андозсупорандагони қарздор ба санаи 01.11. 2018-ум 431 ададро ташкил медиҳад, ки нисбат ба аввали сол 78 адад кам гардидааст.

Чуноне муайян шудааст, аз шумораи андозсупорандагон 39 ададашон бефаъолият буда, онҳо эъломия ва ҳисоботи худро сифрӣ ё тамоман пешниҳод наменамоянд, ки маблағи бақияи қарзашон, дар маҷмӯъ, 21,9 миллион сомониро ташкил медиҳад.

Тавре ки сардори Раёсати ситонидани қарзи андозҳо Зокир Қурбонов қайд намуд, аз шумораи умумии андозсупорандагони қарздор 230 адад ё худ 53,3 фоизашро онҳое ташкил медиҳанд, ки маблағи қарзи андозҳояшон то 30 ҳазор сомонӣ мебошад.

## ҲОЛАТҲОИ ИҶРОИ ҚАРОРҲО

Аз ҷониби мақомоти ҳудудии андоз бо мақсади кам намудани бақияпулиҳои андоз ва андешидани чораҳои пешбинишудаи қонунгузории андоз дар самти маҷбуран ситонидани қарзи андозҳо, дар ёздаҳ моҳи соли 2018 нисбати 239 андозсупорандаи қарздор дар бораи маҷбуран ситонидани андозҳо ба маблағи умумии 65,2 миллион сомонӣ 397 қарор қабул шудааст. Аз ин ҳисоб ба буҷет 45 миллион сомонӣ ворид гардидааст, ки 70 фоизи маблағи умумии қарорҳои қабулгардидаро ташкил медиҳад.

Дар баробари ин, аз ҳисоби 104 қароре, ки дар соли 2017 нисбати 60 адад андозсупоранда ба маблағи 25 миллион сомонӣ қабул гардидаву як қисмати он иҷро нагардида буд, ба соли 2018 гузаронида шуд. Аз ҳисоби қарорҳои мазкур дар соли 2017-ум 10 миллион сомонӣ ва дар 11 моҳи соли 2018-ум 7,1 миллион сомонӣ ба буҷет пардохт гардид. То ин муддат аз ҳисоби қарорҳои соли 2017 ва 11 моҳи соли 2018, дар маҷмӯъ, 52,1 миллион



сомонӣ ба буҷет ворид ва иҷрои 326 қарор пурра таъмин гардидааст.

## КАМШАВИИ ҚАРЗИ АНДОЗҲО

Бояд қайд кард, ки аз ҷониби Гурӯҳи корӣ ҷиҳати татбиқи чораҳои маҷбуран ситонидани қарзи андозҳо ва ба роҳ мондани дигар чораҳои таъсиррасонӣ, нисбати андозсупорандагоне, ки маблағи бақияи қарзашон нисбатан зиёд аст, чораҷӯйиҳо шудаанд.

Аз ҳисоби ҶДММ "Риас Инжиринг", ки маблағи бақияи қарзи андозҳояш ду моҳ қабл пайдо гардида буд, қарори Кумитаи андоз аз 19.11.2018 тахти №8-2-1149, №8-2-1150 ва №8-2-1151 оид ба ситонидани қарзи андозҳо аз ҳисоби суратҳисоби бонкӣ ба маблағи 683,5 ҳазор сомонӣ қабул шудааст. Гурӯҳи корӣ дар давраи фаъолияти кории худ бо ҷамъият корҳои фаҳмондадиҳӣ гузаронида, маблағи қарзро пурра ба буҷет таъмин намуд.

ҶДММ "Қайсар" аз қабили ширкатҳои якрӯзаест, ки миқдори умумии қарзи андозҳояш ба 986,4 ҳазор сомонӣ мерасад. Гурӯҳи корӣ дар давраи фаъолияти худ маълум кард, ки ба 210 адад дарҳои пластикии аз хориҷи кишвар воридшудаи ҷамъият ба дигар шахс тааллуқ доштааст. Нисбати ҷамъият қарорҳои Кумитаи андоз тахти №8-2-1165, №8-2-1166, №8-2-1167, №8-2-1168 ва №8-2-1169 қабул гардид. Пас аз қабули қарорҳо аз ҳисоби суратҳисобҳои ҷамъият маблағи 150 ҳазор сомонӣ рӯёнида шуд.

ҶДММ "Промонтаж" низ аз қабили қарздороне мебошад, ки маблағи қарзи андозҳояш аз соли 2017 пайдо гардидааст. Ба санаи 1 ноябри соли 2018 бақияи қарзи андозҳои он 188,9 ҳазор сомониро ташкил намудааст. Нисбати ҷамъият қарори Кумитаи андоз аз 30.11.2018 тахти №8-5-132 "Дар бораи ситонидани маблағи қарзи андозҳо бо роҳи ҳабси молу мулки андозсупоранда ва ба фурӯш баровардани он" қабул гардид. Бо андешидани чораҳои зарурӣ пардохти маблағи мазкур ба буҷет таъмин шуд.

## ОГОҲИНОМА - ЧОРАИ ТАЪСИРРАСОН

Яке аз чораҳои таъсиррасон ва ибтидоии маҷбуран ситонидани қарзи андозҳо, тибқи талаботи қисми 3-и моддаи 72 Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон, ирсоли огоҳиномаҳо ба андозсупорандагони қарздор оид ба пардохти қарзи андоз мебошад. Вале, ҳарчанд таҳияи огоҳиномаҳо ба воситаи барномаи компютерии «Идоракунӣ ва мониторинги қарзи андозҳо» роҳандозӣ шудаю фаъолияти мақомоти андоз дар ин самт осонтар гардидааст, боз ҳам, тавре мушоҳида мешавад, аз ҷониби кормандони шуъбаҳои хизматрасонӣ ба андозсупорандагон талаботи Кодекси андоз ва «Дастури методӣ дар бораи татбиқи маҷбуран ситонидани қарзи андозҳо» оид ба пешниҳоди огоҳинома ба андозсупоранда хуб риоя намегардад. Гурӯҳи корӣ дар давраи фаъолияти худ ба суроғаи 90 андозсупорандаи қарздор огоҳинома фиристод, ки маблағи умумии он ба 12,5 миллион сомонӣ баробар мебошад. Дар ин давра, аз ин ҳисоб 3,8 миллион сомонӣ вориди буҷет гардидааст.

## ТАДБИРҲО

Тавре ки сардори Раёсати ситонидани қарзи андозҳо иброз дошт, Гурӯҳи корӣ дар давраи сафари кории худ барои сари вақт пардохт накардани маблағи андози иҷтимоӣ ва инчунин, иҷро накардани талаботи қонунгузорӣ, яъне саривақт пардохт накардани бақияпулиҳои андоз, дар асоси моддаҳои 600 ва 620 Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон нисбати 16 адад андозсупоранда ҷаримаҳои маъмурӣ тартиб дод. Нисбати 14 адад андозсупоранда тибқи моддаи 620 ва нисбати 3 адад андозсупоранда тибқи моддаи 600 Кодекси мазкур ба маблағи 25,5 ҳазор сомонӣ татбиқ шудааст, ки пардохти 10,5 ҳазор сомонии он дар ин давра ба буҷет таъмин гардидааст.

Дар ин робита, кормандони мақомоти ҳудудии андозро зарур аст, ки корҳои тавзеҳотию фаҳмондадиҳиро миёни андозсупорандаҳо бештар ба роҳ монанд, то ки андозсупорандаҳо аз ин хулосаи зарурӣ бароварда, дигар ба қонуншиканиҳо даст назананд.

**Фирдавси АБДУРАҲМОН**

## Налоги за рубежом

# Названы главные проблемы российской экономики

**Пессимизм представителей малого бизнеса достиг максимального уровня за три года, сообщает РБК со ссылкой на исследование Альфа-банка «Пульс малого бизнеса».**



Индекс бизнес-ожиданий на ближайшие шесть месяцев упал на 13 процентных пунктов до отметки минус 54. Индекс текущей экономической ситуации в России снизился до минус 68 пунктов, что стало минимальным показателем за два года.

Как показало исследование, 85 процентов предпринимателей считают, что развитию бизнеса мешает экономическая ситуация в стране. 65 процентов ожидают, что в ближайшие полгода она только ухудшится.

Такие настроения вызваны ожидаемым повышением налога на добавленную стоимость (НДС) с 18 до 20 процентов, резким падением цен на нефть в ноябре, ослаблением рубля и ростом инфляции. Все эти факторы влияют на покупательский спрос, его сокращения ожидают 68 процентов опрошенных. Наиболее негативны в оценках представители оптовой и розничной торговли.

Ранее глава Счетной палаты Алексей Кудрин высказал сомнения в том, что экономический рост по итогам 2018 года превысит один процент ВВП. Экономику, по его мнению, тормозит повышение НДС, переход на новую систему жилищного строительства, а также потенциальное ужесточение санкций против России.

**https://sportmail.ru/news/football-foreign/35793137/**

# Президент Эквадора повысил цены на бензин на 25%



**Цены на бензин повышаются в Эквадоре на 25% с 26 декабря. Соответствующий указ был подписан президентом страны Ленином Морено.**

Согласно новым ценам стоимость галлона топлива (3,78 л) таких марок, как Ecopais и Extra составит $1,85 с налогами вместо $1,48. Отмечается, что для такси и общественного транспорта цена заправки останется прежней, так как для этих видов транспорта предусмотрены субсидии, пишет «РИА Новости».

В середине ноября во Франции начались массовые протесты «жилетов» из-за намерения властей повысить цены на бензин и дизельное топливо. Протестующие выходят на улицы в светоотражающих желтых жилетах, которые являются атрибутом французских водителей.

В декабре президент страны Эммануэль Макрон ввел во Франции чрезвычайное экономическое положение. Кроме того, он сообщил об увеличении МРОТа на €100 с 2019 года и о введении ряда других мер, призванных стабилизировать ситуацию.

22 декабря во Франции началась шестая протестная акция «желтых жилетов». Безопасность в этот день обеспечивали 4 тыс. стражей порядка. Участие в субботних демонстрациях приняли около 24 тыс. человек. При этом в Париже на манифестацию вышло приблизительно 2 тыс. активистов. Почти 2,6 тыс. вышли на улицы в Бордо. Демонстрации прошли также в Лионе, Тулузе, Орлеане, Бретани и других городах страны.

**https://sportmail.ru/news/football-foreign/35793137/**

# НАЛОГОВЫЙ РЕЖИМ В ДОБЫВАЮЩЕМ СЕКТОРЕ РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН

Как отмечалось в предыдущей части статьи, уплата налогов с недропользователей не освобождает недропользователя от уплаты других налогов, установленных Налоговым кодексом Республики Таджикистан, а также от исполнения налоговых обязательств при осуществлении иной деятельности (не относящейся к недропользованию) в соответствии с налоговым законодательством, действующим на дату возникновения таких обязательств (не связанных с недропользованием).

**Так на ряду с уплаты налогов с недропользователей добывающее компании уплачивают следующее налоги:**

### НАЛОГ НА ПРИБЫЛЬ

Согласно ст. 109 НК РТ для деятельности по производству товаров ставка налога на прибыль составляет:

- с 1 января 2015 года - 14 процентов, но не менее 1 процента валового дохода;
- с 1 января 2017 года - 13 процентов, но не менее 1 процента валового дохода.

Для других видов деятельности:

- с 1 января 2015 года - 24 процента, но не менее 1 процента валового дохода;
- с 1 января 2017 года - 23 процента, но не менее 1 процента валового дохода.

В соответствии со статьёй 110 НК РТ новые предприятия по производству товаров, начиная с даты первоначальной государственной регистрации, при внесении их учредителями в уставный фонд таких предприятий в течение 12 календарных месяцев после даты государственной регистрации нижеследующих объемов инвестиций, сроком на:

(I) 2 года, если объем инвестиций составляет от 200 тысяч долларов США до 500 тысяч долларов США;

(II) 3 года, если объем инвестиций составляет от 500 тысяч долларов США до 2 миллионов долларов США;

(III) 4 года, если объем инвестиций составляет от 2 миллионов до 5 миллионов долларов США;

(IV) 5 лет, если объем инвестиций превышает 5 миллионов долларов США.

### НАЛОГ НА ДОБАВЛЕННУЮ СТОИМОСТЬ

Ставка налога на добавленную стоимость (НДС) составляет 18% налогооблагаемого оборота, за исключением экспорта, и 18% налогооблагаемого ввоза (ст.181 НК РТ). В соответствии со статьёй 169 НК экспорт товаров, в том числе от добывающей отрасли, освобождается от уплаты НДС.

Ввоз производственно-технологического оборудования и комплектующих изделий к нему, образующих единый технологический комплект, освобождается от уплаты НДС, таможенных пошлин. Перечень техники производственно-технологического оборудования и комплектующих изделий к нему в соответствии с товарной номенклатурой внешнеэкономической деятельности утверждается Правительством Республики Таджикистан.

### АКЦИЗЫ

В соответствии со статьёй 197 НК РТ отдельные виды товаров являются подакцизными товарами, в том числе:

- топливо минеральное, все виды сырой нефти и продуктов ее перегонки;
- битуминозные вещества;
- воски минеральные;
- сжиженный газ.

Ставки акцизного налога по подакцизным товарам устанавливаются Правительством Республики Таджикистан в соответствии с Товарной номенклатурой внешнеэкономической деятельности (ч.1 ст. 200 НК РТ). Постановлением Правительства Республики Таджикистан «Об утверждении ставок акцизного налога на отдельные товары, производимые в Республике Таджикистан и ввозимые на территорию Республики Таджикистан» от 09.06 2018 года №302 утверждены ставки акцизного налога.

Освобождается от уплаты акциза экспорт подакцизных товаров, если такой экспорт отвечает требованиям статьи 202 НК РТ.

### СОЦИАЛЬНЫЙ НАЛОГ

Предприятия уплачивают социальный налог по ставке 25 процентов.

Плательщиками социального налога являются юридические лица, их обособленные подразделения, постоянные учреждения нерезидентов и индивидуальные предприниматели – работодатели, которые выплачивают заработную плату, вознаграждение и иные выгоды физическим лицам–резидентам, работающим у них по найму на основе трудовых договоров, физическим лицам–резидентам, не зарегистрированным в качестве индивидуальных предпринимателей, на основе договоров (контрактов) гражданско-правового характера или без них.

Объектом налогообложения социального налога являются заработная плата, вознаграждения и иные доходы, уплачиваемые налогоплательщиками в пользу наёмных работников, выплаты, вознаграждения и иные доходы, выплачиваемые в пользу физических лиц.

### НАЛОГ НА ПОЛЬЗОВАТЕЛЕЙ АВТОМОБИЛЬНЫХ ДОРОГ

Ставки, плательщики и объект налогообложения определены в главе 37 НК РТ.

Плательщиками налога на пользователей автомобильных дорог являются лица, использующие общий режим налогообложения (предприятия, оборот которых за предыдущие 12 месяцев превышает 1 млн сомони) и имеющие объект налогообложения.

Налоговая база, исходящая из объекта налогообложения, исчисляется налогоплательщиком суммированием всех фактически произведенных (подлежащих осуществлению) в отчетном налоговом периоде расходов в полном объеме, в том числе:

- расходов в денежной и натуральной форме за товары, работы и услуги, за исключением платежей по расходам на строительство, приобретение основных средств и их установку, другим расходам, носящим капитальный характер и подлежащим последующему вычету в



виде амортизационных отчислений по основным средствам;

- иных расходов, не указанных в абзаце первом настоящей части, в том числе расходов по найму работников (по фонду оплаты труда).

Ставка налога на пользователей автомобильных дорог с 1 января 2015 года составляет 0,25 процента для торговой, заготовительной, снабженческо-сбытовой деятельности и 1 процент для иной деятельности.

### МЕСТНЫЕ НАЛОГИ

К местным налогам относятся налог на транспортные средства и налог на недвижимое имущество (раздел XV НК РТ).

В частности, в соответствии со ст. 6 НК РТ к местным налогам относится налог на транспортные средства и налог на недвижимое имущество.

Объектами налогообложения в случае взимания налога на транспортные средства являются транспортные средства, самоходные машины и механизмы, плавучие средства и локомотивы, использующиеся на железных дорогах, подлежащие государственной регистрации и (или) состоящие на учете в Республике Таджикистан, перечень которых определяется Правительством Республики Таджикистан. Налоговой базой для самоходного транспортного средства является мощность двигателя, выраженная в единицах лошадиных сил. Статьёй 266 НК РТ установлены ставки данного налога.

Следующие налоги на недвижимое имущество, уплачиваемые за пользование (владение) земельными участками и (или) объектами недвижимости:

- земельный налог;
- налог на объекты недвижимости.

Объектом налогообложения в случае взимания земельного налога являются земли населённых пунктов, земли вне населённых пунктов с учётом качества, кадастровой оценки земель, назначения использования и экологических особенностей, принадлежность которых определяется земельным законодательством Республики Таджикистан.

Объектами налогообложения в случае взимания налога на объекты недвижимости являются находящиеся на территории Республики Таджикистан здания, жилые дома, помещения, дачи, гаражи, иные помещения и здания, находящиеся на территории Республики Таджикистан, а также объекты незавершенного строительства с момента проживания, эксплуатации.

### ЛЬГОТНЫЙ ИЛИ СПЕЦИАЛЬНЫЙ НАЛОГОВЫЙ РЕЖИМ

Республика Таджикистан в целях привлечения инвестиций в экономику предоставляет обширные инвестиционные стимулы, в частности в ДО.

***1. На основе Закона РТ «О соглашениях о разделе продукции»***

В соответствии с главой 48 НК РТ инвестор, заключивший соглашение о разделе продукции (СРП) с Правительством Республики Таджикистан, получает право на льготный режим налогообложения. Действие подобного режима выгодно как инвестору, так и государству: первый имеет благоприятные условия для вклада средств в поиск, разведку, а также добычу полезных ископаемых; государство, в свою очередь, приобретает гарантии получения части прибыли от этой деятельности. Льготный режим применяется в течение всего срока действия СРП. В рамках СРП предоставляются следующие налоговые льготы:

- освобождение от налога на добавленную стоимость и акциза при поставке произведенной продукции;
- освобождение от налога на прибыль;
- освобождение от налога на добавленную стоимость при ввозе товаров для выполнения работ по СРП.

В рамках СРП другие налоги и обязательные платежи инвестором уплачиваются.

***2. На основе Закона РТ «Об инвестиционных соглашениях»***

Закон Республики Таджикистан «Об инвестиционных соглашениях», вступивший в силу в марте 2013 года, предусматривает специальный механизм регулирования отношений, возникающих между государством и инвестором на основе инвестиционных соглашений. Данный вид соглашений носит индивидуальный характер и направлен на установление для отдельно взятых инвесторов специального правового режима, отличного от общего правового режима, предоставляемого другим инвесторам.

Действие Закона распространяется на инвестиционные проекты, которые предусматривают существенный объем инвестиций, высокую степень финансовых, технологических, экологических и иных рисков и являются стратегически важными для экономики Республики Таджикистан, независимо от предмета таких проектов.

Согласно данному закону инвестору в рамках инвестиционного соглашения могут быть предоставлены специальные права, гарантии и льготы, в том числе особый льготный налоговый и таможенный режим.

С целью придания юридической силы стабилизационным положениям инвестиционного соглашения и закрепления предоставленных инвестору прав, гарантий и льгот Закон предусматривает процедуру ратификации подписанного инвестиционного соглашения со стороны Маджлиси намояндагон Маджлиси Оли Республики Таджикистан.

***3. На основе Закона РТ «О концессиях»***

Согласно Закону РТ «О концессиях» от 28 декабря 2011 года в качестве концессионера могут выступать местные и иностранные физические и юридические лица, за исключением государственных организаций и учреждений. Предоставление объектов в концессию осуществляется на основе конкурса либо на основе прямых переговоров между Правительством Республики Таджикистан и потенциальным инвестором.

В отличие от механизмов инвестиционных соглашений и СРП договор концессии не устанавливает специальные меры стимулирования, как, например, налоговые или таможенные льготы. Между тем в соответствии со статьёй 11 Закона РТ «О концессиях» и статьёй 2 НК РТ договор концессии содержит требования по уплате установленных налоговых и иных платежей в соответствии с законодательством Республики Таджикистан. В этом случае договор концессии утверждается парламентом Республики Таджикистан - Маджлиси намояндагон Маджлиси Оли Республики Таджикистан.

**С. ВАЗИРОВ**

Кормандони Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба хотири пешгирии қонунвайронкуниҳои андоз, бартараф намудани камбудиҳои ҷойдошта, таъмини воридоти саривақтии маблағи андози дар рафти санҷиш ошкоршуда ва минбаъд ба қонунвайронкуниҳои андоз роҳ надодани андозсупоранда пайваста корҳои фаҳмондадиҳӣ ва назоратӣ мегузаронанд.

# ДАФТАРИ БАҚАЙДГИРИИ САНҶИШҲО

## Он ба андозсупоранда ройгон дода мешавад

Тибқи қонунгузории амалкунандаи кишвар ҳар як ниҳоде, ки ба корҳои назоратӣ, аз ҷумла санҷиши андозҳо сафарбар карда мешавад, бояд дар Дафтари қайди санҷишҳо, ки ба соҳибкор аз ҷониби мақомоти андоз ройгон дода мешавад, маълумоти заруриро сабт намояд.

Тавре сардори Раёсати бақайдгирии андозсупорандагони Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон МЭЛС Меликов иттилоъ дод, Дафтари бақайдгирии санҷишҳо дафтари бақайдгирии санҷишҳои субъектҳои хоҷагидор дар Ҷумҳурии Тоҷикистон буда, ба он тибқи тартиби муқаррарнамудаи қонунгузорӣ оид ба ҳар як санҷиши гузаронидашудаи фаъолияти субъектҳои хоҷагидор дар Ҷумҳурии Тоҷикистон маълумот ворид мешавад. Дафтари бақайдгирии санҷишҳо аз тарафи субъекти хоҷагидор тибқи шакл ва тартиби муқаррарнамудаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон истифода мешавад.

Мавсуф илова намуд, ки субъектҳои хоҷагидор вазифадоранд ҳар як санҷишро дар Дафтари бақайдгирии санҷишҳо сабт намоянд. Баъди ба субъектҳои хоҷагидор супурдани қарор оид ба гузарондани санҷиш шахси мансабдори мақомоти санҷиш ва роҳбари субъекти хоҷагидор уҳдадор аст дар Дафтари бақайдгирии санҷишҳо маълумоти зеринро сабт намояд:

- насаб, ном, номи падар, рақами шаҳодатнома (аз ҷумла шаҳодатномаи махсус), номи мақомоте, ки шаҳодатномаро додааст, мӯҳлати эътибори шаҳодатнома;
- дар вақти иштироки мутахассиси даъватшуда дар гузаронидани санҷиш- насаб, ном, номи падар, инчунин рақами шаҳодатномаи хидматӣ, номи ташкилоте, ки намояндаи он мебошад ва дар сурати мустақил будани мутахассис, рақами шаҳодатномаи шахсӣ ва агар тибқи Қонун фаъолияти мутахассиси даъватшуда бояд иҷозатнома дошта бошад, рақами иҷозатнома, номи мақомоте, ки иҷозатномаро додааст ва мӯҳлати эътибори иҷозатнома;
- асос барои санҷиши фаъолияти субъекти хоҷагидор, сана ва вақти оғози санҷиш;
- мавзӯъ ва мақсади санҷиш.

Сардори Раёсати бақайдгирии андозсупорандагони Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон МЭЛС Меликов гуфт, ки Дафтари бақайдгирии санҷишҳо аз ҷониби мақомоти андоз ба соҳибкор



ройгон дода шуда, ҳар як андозсупоранда уҳдадор аст, ки онро дошта бошад.

Ба гуфтаи ӯ аз моҳи декабри соли 2016 то 1 уми октябри соли 2018 аз 61042 адад китоби қайди санҷишҳо (43421 адад ба нозиротҳои андози шаҳру ноҳияҳои кишвар ва 17621 адад ба Бахшҳои бақайдгирии давлатӣ дар шаҳру ноҳияҳо), ки аз ҷониби Кумитаи андоз ирсол гардида буд, 54187 адади он ройгон ба андозсупорандагон дастрас гардид. Аз 43421 адад Дафтари бақайдгирии санҷишҳо, ки ба нозиротҳои андоз тақсим шудааст, 38652 адади он ба андозсупорандагони амалкунанда дастрас гардидааст. Дар баробари ин, аз 17621 адад Дафтари бақайдгирии санҷишҳои ба шуъба ва бахшҳои бақайдгирии давлатӣ дар шаҳру ноҳияҳо пешниҳодгардида, 15535 адади он ба андозсупорандагоне, ки нав ба фаъолият шурӯъ намуданд, дастрас шудааст.

Аз 1500 адад Дафтари бақайдгирии санҷишҳои ҷудошуда, ки ба андозсупорандагони Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон тақсим гардида буд, 1420 адади он ба андозсупорандагон бевосита дастрас шудааст.

Ба андозсупорандагони вилояти Суғд, аз 16903 адад Дафтари бақайдигирии санҷишҳо, 15889 адади он ба андозсупорандагон дастрас гардидааст.

Аз 10667 Дафтари бақайдигирии санҷишҳо, ки ба андозсупорандагони вилояти Хатлон пешбинӣ шуда буд, 9776 адади он ба андозсупорандагон дастрас шудааст.

Ба ҳамин монанд, дар шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ аз 6588 адад Дафтари бақайдгирии санҷишҳои ҷудогардида, 5720 адади он ба андозсупорандагони амалкунанда дастрас гардидааст.

Аз ҷониби нозиротҳои андоз дар шаҳри Душанбе аз 6542 адад Дафтари бақайдгирии санҷишҳо 4639 адади он ба андозсупорандагон дастрас шудааст.

Дар баробари ин, аз 17621 адад китобе, ки ба шуъба ва бахшҳои бақайдгирии давлатӣ дар шаҳру ноҳияҳо дода шудааст, 15535 адади он ба андозсупорандагоне, ки нав ба фаъолият шурӯъ намуданд, дастрас шуд. Аз ҷумла дар Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон аз 720 китоб 483 адад, дар вилояти Суғд аз 6148 китоб 5707 адад, дар вилояти Хатлон аз 5912 китоб 4644 адад, дар шаҳри Душанбе аз 3050 китоб 3009 адад ва дар шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ аз 1791 адад Дафтари бақайдгирии санҷишҳо 1692 адади он ба андозсупорандагон дастрас шудааст.

Ба гуфтаи М. Меликов, дар маҷмӯъ, аз 61042 адад Дафтари бақайдгирии санҷишҳо, ки ба нозиротҳои андоз ва бахшҳои бақайдгирии давлатӣ дар шаҳру ноҳияҳо тақсим шуда буд, 54187 адади он ба андозсупорандагон дастрас гардидааст, ки ин 88 фоизи нишондиҳандаи пешбинишударо ташкил медиҳад.

Шахси мансабдори мақомоти санҷиш барои саркашӣ аз ворид намудани маълумот оид ба санҷиши гузаронидаистода дар Дафтари бақайдгирии санҷишҳо масъулияти муқаррарнамудаи қонунгузориро ба дӯш дорад.

Ҳамчунин, роҳбари субъекти хоҷагидор, ки дар он санҷиш гузаронида шудааст, уҳдадор аст, ки дар Дафтари бақайдгирии санҷишҳо сана ва вақти анҷоми санҷишҳо, ҳангоми ошкор гардидани вайронкунии шартҳо ва талаботи қонунҳо, тадбирҳое, ки аз ҷониби шахси мансабдори мақомоти санҷиш нисбати субъекти хоҷагидор андешида шуданд ва мулоҳизоти худ дар шакли «Розиам», «Розӣ нестам», «Бо эродҳо розиам»- ро зикр намояд.

Дар сурати Дафтари бақайдгирии санҷишҳоро надоштани субъектҳои хоҷагидор шахси мансабдори мақомоти санҷиш дар санади санҷиш сабтҳои дахлдор ворид менамояд.

Аз ин рӯ, соҳибкоронро зарур аст, ки барои дастрас намудани Дафтари бақайдгирии санҷишҳо ба мақомоти андоз муроҷиат кунанд ва ҳарчи зудтар дар фаъолияти худ аз он истифода намоянд. Дар сурати надоштани чунин ҳуҷҷат кормандони мақомоти андоз ва дигар ниҳодҳо уҳдадор мешаванд, ки дар фаъолияти онҳо корҳои назоратӣ гузаронанд

**Мазҳаб ҶУМЪА**

# МАБЛАҒҲОИ ИЛОВАГӢ

**Кормандони Нозироти андоз дар ноҳияи Темурмалик дар 11 моҳи соли 2018 дар фаъолияти андозсупорандагон ва соҳибкорон як қатор корҳои назоратӣ, аз ҷумла муоинаи хронометражиро ба роҳ мондаанд.**



Тавре мудири бахши баҳисобгирии даромадҳои Нозироти андоз дар ноҳияи Темурмалик Бегиҷон Баротов зикр кард, аз тарафи кормандони андози ноҳия ҷиҳати пешгирӣ намудани қонуншиканиҳои андоз ва инчунин ошкор намудани маблағҳои иловагӣ дар 11 моҳ дар фаъолияти 16 нафар андозсупоранда муоинаи хронометражӣ гузаронида шуд, ки дар натиҷа маблағҳои калонӣ иловагӣ ошкор гардид.

**Мисол.** Ҷамъияти дорои масъулияти маҳдуди «Роҳи абрешим» пеш аз гузаронидани муоинаи хронометражӣ даромади умумии якмоҳаи худро ба мақомоти андоз ба маблағи 8 ҳазору 253 сомонӣ нишон медодааст. Ҳангоми гузаронидани муоинаи хронометражӣ маълум гардид, ки маблағи якмоҳаи даромади он 18 ҳазору 280 сомонӣ аст. Ҷамъият маблағи 10 ҳазору 27 сомониро аз мақомоти андоз пинҳон намудааст. Ба ҳамин монанд, муоинаи хронометражӣ дар фаъолияти соҳибкори инфиродӣ Раҷабова Ҳусноро гузаронида шуд. Номбурда пеш аз гузаронидани муоинаи хронометражӣ ба мақомоти андоз 5 ҳазор сомонӣ маблағи даромади якмоҳаи худро нишон медод. Дар натиҷаи гузаронидани муоинаи хронометражӣ маълум гардид, ки манбаи андозбандишавандаи ин соҳибкор 9 ҳазор сомониро ташкил медиҳад, ки маблағи 4 ҳазор сомониро аз мақомоти андоз пинҳон намудааст. Юсупов Амонулло, соҳибкори инфиродӣ, ки ба фурӯши масолеҳи сохтмонӣ машғул аст, пеш аз гузаронидани муоинаи хронометражӣ манбаи андозбандишавандаро 3 ҳазору 750 сомонӣ ба нозироти андози ноҳия нишон медод. Маълум гардид, ки даромади якмоҳаи ин соҳибкор 5 ҳазору 850 сомонӣ мебошад, ки 2 ҳазору 100 сомонӣ маблағҳои иловагиро аз андоз пинҳон доштааст.

Файзуллоев Шомурод, соҳибкори дигар аз ноҳияи Темурмалик, ба фурӯши молҳои омехта машғул аст. Ин соҳибкор дар 1 моҳ манбаи андозбандишавандаро ба ҳисоби миёна ба маблағи 6 ҳазору 150 сомонӣ пардохт кардааст. Баъди гузаронидани муоинаи хронометражӣ маълум гардид, ки 6 ҳазору 333 сомониро аз нозироти андоз пинҳон доштааст. Маблағи якмоҳа баъди гузаронидани муоинаи хронометражӣ аз ин соҳибкор 12 ҳазору 510 сомониро ташкил дод. Ҳамин тариқ, муоинаи хронометражӣ дар фаъолияти соҳибкор Асомиддинов Бахтиёр гузаронида шуд. Соҳибкор пеш аз санҷиш даромади умумии худро ба маблағи 8 ҳазору 353 сомонӣ нишон медод. Ҳангоми гузаронидани муоинаи хронометражӣ маълум гардид, ки маблағи андозбандишаванда дар як моҳ 11 ҳазору 980 сомониро ташкил медиҳад.

Б. Баротов ҳамчунин қайд кард, ки дар фаъолияти 16 нафар андозсупорандае, ки таҳти муоинаи хронометражӣ қарор гирифтаанд, манбаи андозбандишавандаро дар як моҳ ба маблағи 118 ҳазору 300 сомонӣ нишон медоданд. Ҳангоми гузаронидани муоинаи хронометражӣ ин маблағ 158 ҳазору 840 сомониро ташкил дод.

**Хулоса, 40 ҳазору 544 сомонӣ маблағҳои пинҳоншуда аз ҷониби кормандони Нозироти андози ноҳияи Темурмалик ошкор ва пурра ба буҷет ворид гардиданд.**

**Исломи РАҶАБАЛӢ,**
**шаҳри Кӯлоб**

# ИНЪИКОСИ НОДУРУСТ

## Баррасии масъалаҳо дар ҷаласаи корӣ бо иштироки андозсупорандаҳо

**Дуруст пешниҳод шудани эъломияи андозҳо, пурра нишон додани даромадҳои андозбандишаванда, дуруст нишон додани музди меҳнати падохтшаванда ба коргарони кироя ва доир ба навиштани ҳисобнома-фактураҳои ААИ, инчунин, тартиби ҳисоб ва пардохти андозҳо, бахусус андоз аз даромад ва андози иҷтимоӣ, истифодаи МНХ-и дорои ТИЭ ва дар ин робита, ба роҳ мондани корҳои фаҳмондадиҳӣ аз тарафи кормандони мақомоти андоз, - чунин буд муҳтавои ҷаласаи корие, ки онро сардори Раёсати ташкили андозбандии Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Нарзулло Маликзода бо иштироки андозсупорандагони дар марказҳои савдо ба хариду фурӯши хӯрокворӣ машғулбуда доир намуд.**

Чуноне зикр шуд, Кумитаи андоз дар рафти татбиқи "Барномаи рушди маъмурикунонии андоз барои давраи солҳои 2011 – 2018" кӯшиш ба харҷ дода истодааст, ки доираи хизматрасониҳои худро дар шакли электронӣ ҳарчи бештар васеъ намуда, барои муқовимат бахшидани пешгирии омилҳои коррупсионӣ, ки муносибати бевоситаи андозсупорандагон бо кормандони андозро коҳиш медиҳад, тақвият бахшад. Дар ин ҷода, бо мақсади сарфаи вақти андозсупорандагон барои пешниҳоди эъломия ва ҳисобот, яке аз хизматрасониҳои наве, ки солҳои охир дар мақомоти андоз ҷорӣ гардидааст,  хизматрасонӣ оид ба пешниҳоди эъломия дар шакли электронӣ ба ҳисоб меравад.

Мақсад аз ҷорӣ намудани барномаи компютерии пешниҳоди эъломия дар шакли электронӣ, албатта, осон ва сода намудани кори андозсупорандагон ва сарфаи вақти қимати онҳо, ба шумор меравад. То ин ки андозсупорандагон диққати асосиро на ба пешниҳоди ҳисоботу эъломия, балки ба фаъолияти асосии худ, яъне соҳибкорӣ бо мақсади гирифтани фоида равона сохта, дар ин васила ҳаҷми гардиши молии худ ва мутаносибан ҳаҷми андозҳои пардохтшавандаро бештар намоянд. Аммо андозсупорандагон ин сабукӣ ва содагиҳоро баръакс истифода намуда истодаанд.

Яъне, андозсупорандагон ба пинҳонкунии  манбаҳои андозбандӣ, пурра ва сари вақт пардохт накардани андозҳо, дуруст ва ба таври пурра нишон надодани натиҷаҳои фаъолияти иқтисодии худ даст зада истодаанд.

Корҳои таҳлилии мақомоти андоз, ба гуфтаи Н. Маликзода, аз он шаҳодат медиҳанд, ки гарчанде назорат нисбатан ба давраҳои қаблӣ беҳтар гардида бошад ҳам, ҳолатҳои қонунвайронкуниҳои андоз аз ҷониби андозсупорандагон ҳоло ҳам дида мешавад.

Натиҷаи таҳлилҳои мақомоти андоз нисбати эъломияҳои андозҳои аз ҷониби андозсупорандагон пешниҳодгардида нишон медиҳанд, ки ҳоло ҳам қисми зиёди андозсупорандагон дар эъломияҳо даромади воқеан бадаствардаашонро нишон намедиҳанд, аз МНХ-и муҷаҳҳаз бо ТИЭ дуруст истифода намекунанд, музди меҳнати ба коргарон пардохтшавандаро пурра нишон надода, музди меҳнати ночизро нишон медиҳанд, шумораи коргаронро кам нишон медиҳанд, натиҷаҳои муоинаҳои хронометражиро риоя намекунанд, дар эъломияҳои андозҳо ҳаҷми воридоти  гумрукӣ ва фурӯши молҳоро пурра нишон намедиҳанд, муддатҳои тулонӣ молҳоро дар бақия нишон медиҳанд, тартиби истифодабарии ҳисобнома-фактураҳои ААИ-ро риоя намекунанд. Ҳамаи ин камбудиҳо боис мегардад, ки миёни мақомоти андоз ва андозсупорандагон нофаҳмиҳо сар зада, андозҳо дар ҳаҷми пурра ҳисоб ва пардохт намегарданд.

Дар ҷаласа хотиррасон шуд, ки дар Кодекси андози то 01.01.2013 амалкунанда барои дуруст нишон додани музди меҳнат андозсупорандагон уҳдадор буданд, ки музди меҳнатро аз музди меҳнати миёнаи оморӣ кам нишон надиҳанд. Чунин муқаррарот боиси гуногунфаҳмиҳо байни мақомоти андоз ва андозсупорандагон гардида, бо дархости зиёди андозсупорандагон ва ассосиатсияҳо, инчунин, бо дарназардошти он  ки андозсупорандагон уҳдадор гардиданд, ки музди меҳнати воқеан пардохташударо дар ҳисоботи андозӣ нишон медиҳанд, аз 01.01.2013 чунин муқаррарот аз Кодекси андоз бекор карда шуд. Вале, баъд аз бекор шудани тартиби қайдгардида, андозсупорандагон дар ҳисобот музди меҳнатро нопурра ва ночиз нишон дода истодаанд.

Таҳлили ҳисоботи андозсупорандагоне, ки дар марказҳои калони савдо ба хариду фурӯши хӯрокворӣ дар ҳудуди шаҳри Душанбе машғуланд, дар соли 2018 нишон медиҳад, ки гарчанде тамоми андозсупорандагон дар ин соҳа як хел фаъолият доранд, нишондиҳандаҳо гуногунанд. Қисми зиёди чунин субъектҳо музди меҳнатро ночиз, ҳатто 300 сомонӣ ба як коргар нишон додаанд. Ҳол он ки музди миёнаи меҳнат дар шаҳри Душанбе тибқи маълумоти оморӣ 1091,0 сомониро ташкил додааст.

Мушкилии дигаре, ки боиси ташвиши мақомоти андоз ва дар навбати худ сабаби гузаронидани корҳои назоратӣ дар фаъолияти андозсупорандагон гардида истодааст, риоя нагардидани талаботи моддаҳои 38-39 Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон ва қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи Тартиби истифодаи МНХ-и дорои хотираи фискалӣ,



талаботи техникӣ ба МНХ-и дорои хотираи фискалӣ (назоратӣ), инчунин талабот нисбат ба системаи компютерӣ оид ба назорати хизматрасониҳои алоқаи мобилӣ ва хизматрасониҳои электронӣ" аз 2 майи соли 2013, №210 ва таъмини баҳисобгирии муҳосибӣ ба ҳисоб меравад.

Мутобиқ ба талаботи моддаи 19 Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон андозсупорандагон уҳдадоранд, ки дар эъломияҳои андоз даромади воқеии худро дарҷ намуда, тибқи тартиби муқаррарнамудаи қонунгузории андоз ҳангоми ҳисобаробаркунии нақдӣ аз МНХ истифода намоянд. Зеро, ки мошинҳои назоратӣ-хазинавии дорои хотираи фискалӣ яке аз воситаҳои асосии муайян намудани даромади воқеии андозсупорандагон ба ҳисоб рафта, истифода намудани он ҳангоми ҳисоббаробаркуниҳои пулӣ дар вақти  фурӯши мол, иҷрои корҳо ва хизматрасониҳо бо пули нақд ҳатмӣ мебошад.

Мутобиқ ба тағйиру иловаҳои ба моддаи 38 Кодекси андоз воридгардида аз 01.01.2017, дар Ҷумҳурии Тоҷикистон танҳо МНХҳое истифода карда мешаванд, ки қобилияти интиқоли электронии маълумотро дошта бошанд.

Тавассути ТИЭ аз МНХ андозсупоранда маълумот оид ба ҳаҷми фурӯш тариқи алоқаи мобилӣ ба махзани маълумоти мақомоти андоз воридгардида, дар низоми мустақим, яъне он-лайн робитаи андозсупоранда ва мақомоти андозро таъмин менамояд ва ин имконият медиҳад, ки тамоми маълумот оид ба фурӯши молҳо дар барномаҳои СИА тариқи электронӣ ҷамъоварӣ ва коркард шаванд.

Чуноне ки зикр шуд, танҳо дар давоми 10 моҳи соли 2018 дар шаҳри Душанбе 1450 хариди назоратӣ гузаронида шуда, дар 1146 ҳолат (80%) аз ҷониби андозсупорандагон ба мизоҷон чипта пешниҳод нашудааст.

Проблемаи дигар, ин аз ҷониби андозсупорандагон нисбати амалиётҳои анҷомдодаи худ на дар ҳама маврид навиштани ҳисобнома-фактураи андоз аз арзиши иловашуда мебошад. Лозим ба ёдоварист, ки муқаррарот дар бораи тартиб додан ва ё дар кадом мавридҳо тартиб надодани ҳисобнома-фактураи андоз аз арзиши иловашударо аз ҷониби андозсупорандагон, моддаи 186 Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон ба танзим медарорад.

Тибқи талаботи Кодекси андоз, шахси ба сифати супорандаи андоз аз арзиши иловашуда бақайдгирифташуда ва ба рӯйхати андозсупорандагони бемасъулият дохилнагардида, ки амалиёти андозбандишавандаро иҷро менамояд, аз рӯзи амалӣ гардидани бақайдгирӣ барои мақсадҳои андоз аз арзиши иловашуда уҳдадор аст ба қабулкунандаи молҳо, корҳо ё хизматрасониҳо ҳисобнома-фактураи андоз аз арзиши иловашуда ва аксизҳоро пешниҳод намояд. Шахсе, ки бо мақсади супорандаи андоз аз арзиши иловашуда ба қайд гирифта нашудааст ё ба рӯйхати андозсупорандагони бемасъулият дохил шудааст (ба истисноӣ супорандагони андози аксиз, ки супорандагони андоз аз арзиши иловашуда намебошанд), ҳуқуқ надорад, ки ҳисобнома-фактураҳои андоз аз арзиши иловашуда ва аксизҳоро пешниҳод намояд.

Дар ҷараёни маҷлис ҳисобнома-фактура ба андозсупорандаҳо шарҳ дода шуд: Ҳисобнома-фактураи электронии андоз аз арзиши иловашуда ва аксизҳо ҳуҷҷатест, ки мутобиқи моддаи 183 Кодекси андоз барои ба ҳисоб гирифтани андоз аз арзиши иловашуда ҳангоми истифодаи меъёри стандартӣ асос мебошад. Дар асоси ҳисобнома-фактураҳои электронии андоз аз арзиши иловашуда ва аксизҳо маблағи андоз аз арзиши иловашуда ва аксизҳои ба харидор барои таҳвили молҳо (корҳо, хизматрасониҳо) пешниҳодшуда, инчунин маблағи андоз аз арзиши иловашуда ва аксизҳое, ки ба таҳвилкунанда барои хариди молҳо (корҳо, хизматрасониҳо) пардохта шудааст, муайян мешавад.

Воқеан, қисми 15 моддаи 186 Кодекси андоз ҳангоми фурӯши чаканаи молҳо, иҷрои корҳо ва хизматрасониҳо ба харидороне, ки супорандагони андоз аз арзиши иловашуда нестанд, бар ивази ҳисобнома-фактураи андоз аз арзиши иловашуда ва аксизҳо расид (квитансия) ё ҳисобнома-фактураи сода ё чиптаи мошинаи назоратӣ-хазинавии дорои хотираи фискалиро пешбинӣ намудааст.

Аммо, чуноне ки дар ҷаласа қайд гардид, натиҷаи таҳлилҳои гузаронидаи мақомоти андоз нишон медиҳад, ки ҳоло ҳам баъзе супорандагони андоз аз арзиши иловашуда бемасъулиятӣ намуда, бархилофи талаботи Кодекси андоз нисбати амалиётҳои анҷомдодаи худ на дар ҳама мавриди ҳисобнома-фактураи андоз аз арзиши иловашударо навишта истодаанд, ки ин ҳолат боиси аз андозбандӣ дур мондани манбаи андозбандӣ гардида истодааст.

Ҳол он ки дар асоси Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон нодуруст пешниҳод намудани ҳисобнома-фактураи андоз аз арзиши иловашуда, ки боиси кам нишон додани маблағи андоз аз арзиши иловашуда ва ё зиёд нишон додани маблағи ба ҳисоб гирифташудаи он мегардад, ҳамчунин, барои пешниҳод накардани ҳисобнома-фактураи андоз аз арзиши иловашуда, ба андозаи панҷоҳ фоизи маблағи андоз аз арзиши иловашуда аз рӯи ҳисобнома-фактурае, ки бояд вобаста ба ин муомилот пешниҳод мешуд, ҷаримаи маъмурӣ таъйин карда мешавад.

**Дар охир Н. Маликзода минатдории худро ба иштирокдорони ҷаласа расонида, хоҳиш кард, ки иҷрои уҳдадориҳои худро оид ба пешниҳоди ҳисобот ва эъломияҳо дар муҳлатҳои муқарраргардида амалӣ намуда, даромадҳои худро ба пуррагӣ нишон диҳанд ва ба ин васила пардохти андозҳоро сари вақт ва дар ҳаҷми пурра таъмин созанд.**

Фотимаи МИРЗОХОН

# ТАТБИҚИ БАРНОМА ДАР АМАЛ

## Татбиқи Барномаи давлатии мусоидат ба содирот ва воридотивазкунии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2016 – 2020 аз ҷониби Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон

**Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Паёми имсоли худ чунин қайд намуданд: «Бо дарназардошти аҳамияти соҳаи саноат дар ҳалли масъалаҳои иқтисодиву иҷтимоӣ ва таъсиси ҷойҳои корӣ пешниҳод менамоям, ки саноатикунонии босуръати кишвар ҳадафи чоруми миллӣ эълон карда шавад».**

**Бо мақсади огоҳ шудан аз рафти татбиқи Барномаи давлатии мусоидат ба содирот ва воридотивазкунии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2016 – 2020, бо мудири бахши маъмурикунонии андози Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, Собир Вазиров мусоҳиба баргузор намудем, ки он манзури хонандагон мегардад.**



**- Чӣ тавре, ки маълум аст, охири соли 2016 Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон то соли 2030 қабул гардид ва дар заминаи он Барномаи давлатии мусоидат ба содирот ва воридотивазкунии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2016 - 2020 низ қабул шудааст. Мегуфтед, ки Барномаи мазкур ба кадом мақсад равона гардидааст?**

- Барномаи давлатии мусоидат ба содирот ва воридотивазкунии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2016 - 2020 ҷиҳати фароҳам овардани шароити мусоид ба амалишавии сиёсати давлатии иқтисодии хориҷӣ, баланд бардоштани рақобатнокии маҳсулоти ватанӣ дар бозори дохилӣ ва хориҷӣ таҳия гашта, ба афзун гардонидани ҳаҷми содирот, коҳиш додани ҳиссаи молҳои истеъмолӣ ва хизматрасонӣ дар ҳаҷми умумии воридот равона гардидааст.

Барнома аз муқаррароти умумӣ, ҳолат ва мушкилоти содирот ва воридотивазкунӣ дар кишвар, ҳадафҳо ва вазифаҳо, самтҳои стратегии рушди содирот ва воридотивазкунӣ,асосҳои институтсионалии рушди содирот ва воридотивазкунӣ, заминаҳои давлатии содирот ва воридотивазкунӣ ва аз Нақшаи амал иборат мебошад.

**- Мувофиқи Нақшаи амали “Барномаи давлатии мусоидат ба содирот ва воридотивазкунии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2016-2020” чанд банд ба зиммаи Кумитаи андоз барои иҷро муайян шудааст?**

- Тибқи дигар Нақшаи амали Барнома 12 банде пешбинӣ шудааст, ки дар баробари вазорату идораҳои давлатӣ Кумитаи андоз ҳамчунин иҷрокунандаи онҳо ба ҳисоб меравад. Қайд кардан бамаврид аст, ки бандҳои мазкур на танҳо масъалаҳои андозу андозбандӣ, балки масъалаҳои гуногуни соҳаи иқтисодиётро низ дар бар мегиранд.

**- Оғози татбиқи Барномаро ду сол мешавад, дар ин самт вобаста ба масъалаҳои андозбандӣ кадом амалҳо иҷро шуданд?**

- Аз 12 банди қайдгардида, тибқи мӯҳлати пешбинишуда Нақшаи амали Барнома 5-тоаш пурра иҷро шудаанд. Аз ҷумла:

1. Банди 1.1 Нақшаи амали Барнома (ворид намудани тағйирот ба қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 2 марти соли 2013, №93).

Бо ворид шудани тағйиру иловаҳо ба сархати чоруми моддаи 169 Кодекси андоз воридоти таҷҳизоти истеҳсолию технологӣ ва маҳсулоти такмилии (комплектии) онҳо, ки маҷмӯи ягонаро ташкил медиҳанд, аз ҷумла дар асоси шартҳои иҷораи молиявӣ (лизинг) барои ташаккул ё пурра кардани фонди (сармояи) оинномавии корхонаҳо ё азнавтаҷҳизонии техникии истеҳсолоти амалкунанда аз пардохти андоз аз арзиши иловашуда ва боҷи гумрукӣ озод карда шуд.

Яъне, минбаъд бе истисно воридоти ҳама намуди таҷҳизоти истеҳсолию технологӣ ва маҳсулоти такмилии (комплектии) онҳо, ки барои ташаккул ё пурра кардани фонди (сармояи) оинномавии корхонаҳо ё азнавтаҷҳизонии техникии истеҳсолоти амалкунанда, ба шарте ки ин молу мулк мустақиман дар истеҳсоли молҳо, иҷрои корҳо ва хизматрасонӣ мутобиқи ҳуҷҷатҳои таъсиси корхона истифода шаванд, аз имтиёзи зикргардида бархурдор мегарданд.

2. Банди 6.2 Нақшаи амали Барнома (баланд бардоштани ҳадди даромад аз 500 ҳазор сомонӣ то 1 млн. сомонӣ барои субъектҳои соҳибкории хурде, ки дар низоми содакардашудаи андозбандӣ қарор доранд).

Бо мақсади дастгирии молистеҳсолкунандагони ватанӣ ва рушди бахшҳо ва категорияҳои гуногуни соҳибкорӣ тибқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз 14.11.2016, №1367, ба Кодекси андоз тағйирот ворид карда шуд, ки мувофиқи он барои соҳибкорони хурд ҳадди даромад дар низоми махсуси андозбандӣ аз 500 ҳазор сомонӣ то ба 1 млн. сомонӣ боло бурда шуд.

3. Бандҳои 6.3 ва 6.4 Нақшаи амали Барнома (озод намудани хоҷагиҳои тухмипарварӣ ва зотпарварӣ аз пардохти андози замин барои афзун намудани истеҳсоли тухмии зироатҳои кишоварзӣ ва рушди чорводории зотӣ).

Корхонаҳои истеҳсолкунандаи хӯроки омехтаи чорво тибқи тағйиру иловаҳо ба Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз 21.02.2018, №1511 аз пардохтҳои андоз аз фоида, андози содакардашуда, андоз аз арзиши иловашуда, андоз аз истифодабарандагони роҳҳои автомобилгард, андозҳо аз молу мулки ғайриманқул ба мӯҳлати 6 сол озод карда шуданд.

Тибқи банди 11 моддаи 15 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “дар бораи Буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои соли 2018” дар соли 2018 воридоти ҳамаи намудҳои чорвои зотӣ (таъйиноти гӯштӣ, ширӣ ва пашмӣ), тухмии элита ва репродуксионии навъҳои зироатҳои кишоварзӣ дар асоси ҳуҷҷатҳои тасдиққкунандаи зот ва сифати тухмӣ аз хориҷи кишвар бо мақсади парвариш ва истеҳсоли маҳсулот, инчунин тухмии кирмак барои пиллапарварӣ аз андоз аз арзиши иловашуда ва боҷи гумрукӣ озод карда шудаанд

4. Банди 8.7 Нақшаи амали Барнома (Бекор кардани андози 10% аз фурӯши нахи пахта барои корхонаҳои дар дохили кишвар коркардкунанда).

Тибқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз 14.11.2016, №1367, андоз аз фурӯши нахи пахта бекор карда шуда, бар ивази он боҷи содиротии нахи пахта ҷорӣ гардид.

**- Оид ба татбиқи бандҳои дигари Нақшаи амали Барнома кадом корҳо ба анҷом расонида шудаанд?**

- Дар маҷмӯъ, вобаста ба бандҳои дигари Нақшаи амали Барнома, ки мӯҳлати иҷрои онҳо то соли 2020 муайян карда шудаанд, корҳо идома дорад. Аз қабили:

1. Оид ба банди 1.3 Нақшаи амали Барнома.

Бо мақсади дастгирии молистеҳсолкунандагони ватанӣ ва рушди бахшҳо ва категорияҳои гуногуни соҳибкорӣ тибқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз 21.02.2018, №1511, ба Кодекси андоз тағйироти зерин ворид шуд, ки аз 1 январи соли 2018 мавриди амал қарор дода шудааст:

- ҳангоми қатъкунии фаъолияти хоҷагиҳои кишоварзии бе таъсиси шахси ҳуқуқӣ санҷишҳои маҷмӯӣ ё мавзӯӣ гузаронида намешавад;

- меъёри ҳисоб кардани фоиз барои ҳар рӯзи тақвимии мавҷуд будани бақияпулӣ аз ҳаҷми 0,08 фоиз ба 0,05 фоиз паст карда шуд.

- таҳвили (фурӯши) либосҳои шакли ягонаи мактабӣ ва томактабии истеҳсоли ватанӣ ва доруворӣ истеҳсоли ватанӣ аз пардохти андоз аз арзиши иловашуда озод карда шуд;

- аз пардохтҳои андоз аз фоида, андози содакардашуда, андоз аз арзиши иловашуда, андоз аз истифодабарандагони роҳҳои автомобилгард, андозҳо аз молу мулки ғайриманқул ба мӯҳлати 6 сол озод намудани корхонаҳои парандапарварӣ ва корхонаҳои истеҳсолкунандаи хӯроки омехтаи паранда ва чорво машғулбуда пешбинӣ шуд.

- таҳвили (фурӯши) доруворӣ истеҳсоли ватанӣ, ки номгӯи онҳо бо пешниҳоди мақоми ваколатдор дар соҳаи тандурустӣ дар мувофиқа бо мақоми ваколатдори давлатӣ дар соҳаи молия ва мақоми ваколатдори давлатӣ ва либосҳои шакли ягонаи мактабӣ ва томактабии истеҳсоли ватанӣ, ки номгӯи онҳо бо пешниҳоди мақоми ваколатдори давлатӣ дар соҳаи саноат дар мувофиқа бо мақоми ваколатдори давлатӣ дар соҳаи молия ва мақоми ваколатдори давлатӣ аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ карда шудааст, аз андоз аз арзиши иловашуда озод карда шуданд.

Ҳамчунин, ҷиҳати дастгирии иловагии истеҳсолкунандагони ватании маҳсулоти қолинӣ ва пластикӣ ба Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон мувофиқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 03 августи соли 2018, №1546 тағйирот ворид шуда, маҳсулоти тайёри қолинӣ ва маснуот барои интиқол додан ё борпечонии молҳо аз пластмасса: пӯк, сарпӯш, каллапӯш ва дигар воситаҳои маҳкамкунии ба Ҷумҳурии Тоҷикистон воридшаванда, молҳои зераксизӣ ҳисобида шуданд.

2. Оид ба банди 6.1 Нақшаи амали Барнома.

Истифодаи меъёри сифрии ААИ барои молҳои кӯдакона (маҳсулоти озуқаворӣ ва саноатӣ) ва то 10-12% паст кардани меъёри ААИ, ки бояд бо дарёфти манбаъҳои нави даромади буҷетӣ, ҷиҳати нигоҳ доштани тавозуни буҷети давлатӣ сурат гирад.

Қайд намудан зарур аст, ки тибқи қонунгузории Буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар солҳои охир нақшаи воридоти андоз аз арзиши иловашудае, ки ҷамъоварии он ба зиммаи мақомоти андоз вогузор шудааст, афзоиш ёфта истодааст. Аз ҷумла, агар дар соли 2018 воридоти андоз аз арзиши иловашуда (ААИ) 2619,6 млн сомонӣ пешбинӣ шуда бошад, дар соли 2019 ин нишондиҳанда ба 2917,2 млн. сомонӣ баробар шудааст, ки нисбат ба нишондиҳандаи соли 2018-ум 11,4% афзоиш ёфтааст.

Аз ин лиҳоз, бояд то соли 2020 самаранокии паст кардани меъёрии ААИ аз нигоҳи коҳиш ё афзоиш ёфтани даромади буҷети давлатӣ, афзоиши иқтисодиёти ҷумҳурӣ, кам шудани қочоқи молҳои воридотӣ ва афзоиши воридот ва содироти мол, таҳлили меъёри ААИ кишварҳои шарик, ба мисоли Россия мавриди таҳлили амиқ қарор дода шаванд. Ҳамзамон қайд кардан бамаврид аст, ки Федератсияи Россия ба қонунгузории андози худ тағйирот ворид намуда, аз соли 2019 меъёри ААИ-ро аз 18% ба 20% баланд намудааст.

Танҳо баъд аз гузаронидани таҳлили мазкур ва мушаххас кардани самаранокии паст кардани меъёри ААИ ба рушди иқтисодиёти кишвар бо дарёфти манбаъҳои нави даромади буҷети давлатӣ, ҷиҳати нигоҳ доштани тавозуни буҷети давлатӣ, қарор дар бораи паст кардани меъёри ААИ қабул карда шавад.

Кумитаи андоз минбаъд низ ҷиҳати иҷрои бандҳои дахлдори Нақшаи амали “Барномаи давлатии мусоидат ба содирот ва воридотивазкунии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2016-2020” чораандешӣ менамояд.

**Мусоҳиб**
**Н. ЗОИРЗОДА**

# РОҲНАМОИ

# РӮЗГОРИ ПУРСАОДАТ

**Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ- Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Паём ба Маҷлиси Олии мамлакат (26 декабри соли 2018) хамаи паҳлӯҳои ҳаёти ҷамъиятӣ ва соҳаҳои асосии иқтисодию иҷтимоии кишварро аз диди нав мавриди таҳлилу тадқиқ қарор дода, ҳамчун сиёсатмадори тавоною пуртаҷриба дар чунин як давраи пуртазоди ҷаҳонишавӣ сифатҳои нави иҷтимоию иқтисодиро хеле хуб муайян намуданд.**

Ин Паём, дар ҳақиқат, инъикосгари муҳимтарин воқеаҳои сиёсию иҷтимоию иқтисодӣ буда, ҳамчунин, ҷиҳати некӯаҳволии мардум ва пешрафту шукуфоии Тоҷикистон барномаи мукаммал маҳсуб мешавад. Паём таҳлили вусъатнок ва илман асоснок, паём аз шукуфоии Ватан, ояндаи дурахшони халқу давлат ва рӯзгори пурсаодати мардум аст.

Воқеан, сиёсати иқтисодиву иҷтимоии давлат, имрӯз чуноне эҳсос мешавад, ба таъмин кардани рушди устувори иқтисодӣ, баланд бардоштани сатҳу сифати зиндагии мардум, таъмин намудан бо маводи ғизоӣ, беҳбуд бахшидан ба ҳифзи иҷтимоии табақаҳои ниёзманди аҳолӣ ва фароҳам овардани шароити зарурӣ барои тарбияи насли солиму бомаърифат равона шудааст.

Сулҳу оромӣ, суботи сиёсӣ ва ваҳдату якпорчагии мардуми тоҷик имкон додааст, ки маҷрои рушди иқтисоди миллӣ бакуллӣ тағйир ёбад, барномаҳои нави давлатӣ қабул шаванд, сохтори давлатдориамон, ки асоси онро принсипи адолати иҷтимоӣ ташкил медиҳад, мустаҳкамтар гардад, иқтидорҳои нави истеҳсолӣ ба кор андохта шаванд, сокинони мамлакат дар ҳамаи фаслҳои сол бо нерӯи барқ таъмин гарданд ва барои рушди минбаъдаи соҳаҳои ҳаётан муҳими кишвар заминаи мусоид фароҳам оянд.

Вобаста ба ин, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ҳангоми ироаи Паём чунин иброз намуданд: **«Танҳо саъю талоши софдилона, ҳисси масъулият дар назди халқу Ватан ва иқдому ташаббусҳои созанда моро ба ҳадафҳои муайяннамудаамон наздик мекунанд».**

Воқеан, Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, чуноне ки дар Паём зикр шуд, фаъолияти худро имрӯз ба самти ноил шудан ба ҳадафҳои дар Стратегияи миллии рушд пешбинигардида равона карда, баланд бардоштани сатҳу сифати зиндагии мардумро тавассути ҳалли масъалаҳои пешрафти устувори иқтисодӣ, тақвияти нерӯи инсонӣ, такмили низоми идораи давлатӣ, тавсеаи имкониятҳои содиротии мамлакат, беҳтар кардани фазои сармоягузорӣ, инкишофи бахши хусусӣ ва беҳбуди вазъи бозори меҳнат ҳадафи олии худ эълон намудааст.

Давлат ва Ҳукумати Тоҷикистон таъмини истиқлолияти энергетикӣ ва истифодаи самарабахши нерӯи барқ, аз бунбасти коммуникатсионӣ баровардан ва ба кишвари транзитӣ табдил додани ҷумҳурӣ, ҳифзи амнияти озуқаворӣ ва дастрасии аҳолии мамлакат ба ғизои хушсифат, инчунин, вусъатдиҳии шуғли пурмаҳсулро ҳамчун ҳадафҳои стратегии худ интихоб намуда, нақшаи гузариши иқтисодиёти кишварро аз шакли аграрӣ- индустриалӣ ба шакли индустриалӣ-аграрӣ амалӣ гардонида истодаанд.

Тавре ба назар мерасад, дар натиҷаи тадбирҳои амалинамудаи Ҳукумати мамлакат дар се соли охир ҳиссаи соҳаи саноат дар маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ аз 15,2 то 17,3 фоиз афзоиш ёфтааст. Дар ин робита ва бо дарназардошти аҳамияти соҳаи саноат дар халли масъалаҳои иқтисодиву иҷтимоӣ ва таъсиси ҷойҳои корӣ Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Паём пешниҳод намуданд, ки **«саноатикунонии босуръати кишвар ҳадафи чоруми миллӣ эълон карда шавад».**

Вобаста ба ин ва бо сабаби он ки мавҷуд набудани баъзе намудҳои ашёи хом дар дохили кишвар барои истеҳсоли маҳсулоти ниҳоӣ масъалаҳои ҳалталаб гардидааст, Роҳбари давлат чунин таъкид намуданд: **«Пешниҳод менамоям, ки ашёи хоми барои коркард ва истеҳсоли маҳсулоти ниҳоӣ воридшаванда, ба истисноии ашёи хоми дар Тоҷикистон истеҳсолшаванда, аз андоз аз арзиши иловашуда ва боҷи гумрукӣ озод карда шавад...».**

Тавре аён аст, Ҳукумати мамлакат ҷиҳати фароҳам овардани шароити мусоид барои пешбурди фаъолияти соҳибкорӣ ҳамеша чораҷӯӣ мекунад. Ҳамзамон ба ин, ҷалби ҳарчи бештари сармоя ва рушди бемайлони соҳибкориву бахши хусусӣ, ҳамчун самти афзалиятноки тараққиёти мамлакат, густариш ёфта истодааст. Бахши хусусӣ ва соҳибкорӣ, воқеан, барои ташаккули табақаи миёна заминаи мусоид фароҳам оварда, соҳибкориву сармоягузорӣ ва ҷалби сармояи хориҷӣ, аз ҷумла сармояи мустақим мусоидат карда истодааст. Ҳоло дар кишвар татбиқи 70 лоиҳаи сармоягузории давлатӣ ба маблағи умумии 30 миллиард сомонӣ идома дорад.

Ёдовар мешавем, ки дар соли 2018 бо мақсади бартараф кардани санҷишҳои беасосу такрорӣ ва фароҳам овардани фазои мусоид барои рушди соҳибкорӣ ба ҳама гуна санҷишҳои фаъолияти соҳибкорони истеҳсолӣ дар давоми ду сол мораторий эълон шуда буд, ки алҳол аз он қариб ду ҳазор субъекти соҳибкорӣ дар соҳаҳои истеҳсолӣ бархурдор гардидаанд.

Тавре дар Паём қайд гардид, барои тақвият бахшидан ба ин раванд зарур шуморида шудааст, ки солҳои 2019-2020 тамоми санҷишҳои фаъолияти субъектҳои соҳибкорӣ дар соҳаҳои истеҳсолӣ манъ карда, муқаррароти Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мораторий ба санҷишҳои фаъолияти субъектҳои соҳибкорӣ дар соҳаҳои истеҳсолӣ» ба ҳамаи мақомоти санҷишу назорат ва ҳифзи ҳуқуқ, аз ҷумла Прокуратураи генералӣ, Палатаи ҳисоб, Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсия, Бонки миллӣ ва мақомоти андозу гумрук татбиқ карда шаванд.

Дар робита ба ин ва бо мақсади таъмини риояи дақиқи муқаррароти қонунгузорӣ дар самти мораторий ба Прокуратураи генералӣ супориш ҳам дода шудааст, ки дар ҳамкорӣ бо Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатӣ нисбат ба масъулони мақомоти давлатие, ки ба фаъолияти соҳибкорон беасос дахолат карда, садди роҳи рушди соҳибкорӣ мешаванд, чораҳои зарурӣ андешад.

Пешвои миллат, ҳамчунин, пешниҳод намуданд, ки бо дар маҷмӯъ, тараққиёти босуботи иқтисоди кишварро таъмин менамояд.

Ислоҳоти иқтисодии амалишуда, чуноне ки мушоҳида мешавад, имрӯз ба беҳтар гардидани фазои мақсади дастгирии минбаъдаи соҳибкорон дар кишвар **«300 рӯзи ислоҳот оид ба дастгирии соҳибкорӣ ва беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ»** амалӣ карда шавад.

Нуктаи муҳими дигаре, ки дар Паём садо доду онро тамоми сокинони мамлакат хуш пазируфтанд, ин аз ҷониби Пешвои миллат эълон шудани солҳои 2019-2021 **«Солҳои рушди деҳот, сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ»** мебошад.

Мақсади асосӣ аз ин пешниҳод, чуноне ки Президенти мамлакат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон таъкид карданд, амалигардонии талошҳои Ҳукумати ҷумҳурӣ ба хотири боз ҳам обод намудани Тоҷикистон ва ҳалли масъалаҳои иҷтимоии аҳолӣ бо роҳи беҳтар кардани инфрасохтор, пеш аз ҳама, дар соҳаҳои маорифу тандурустӣ, таъсиси ҷойҳои корӣ, таъмин намудани аҳолии деҳот бо оби босифати ошомиданӣ, бунёду таҷдиди роҳҳои маҳаллӣ, рушди инфрасохтори сайёҳӣ ва инкишофи ҳунарҳои мардумӣ, ба талаботи муосир мутобиқ сохтани сатҳи хизматрасонӣ ва баланд бардоштани некӯаҳволии мардуми деҳот мебошад.

Дар охир муроҷиати Сардори давлат, ки гуфтанд: **«Мо бояд аз истиқлолияту озодӣ ва соҳибватаниву соҳибдавлатӣ шукрона кунем, шукронаи Ватани соҳибихтиёру маҳбубамонро ба ҷо орем, онро сидқан дӯст дорем, ба давлати соҳибистиқлоламон содиқ бошем, ҳамаи саъю талоши худро ба хотири пешрафтаву неруманд гардонидани он ва дар арсаи байналмилалӣ боз ҳам баланд бардоштани нуфузу эътибори Тоҷикистони азизамон равона кунем»** тамоми мардуми кишварро хеле рӯҳбаланд намуд ва ҳама барои ободу шукуфоии Ватан дучанд масъулият эҳсос карданд.

Умуман, Паёми Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии мамлакат ба ҳама самтҳои соҳаҳои хоҷагии халқи кишвар дахл карда, ба хотири рушди иқтисодиву иҷтимоии мамлакат, таҳкими имкониятҳои иқтисодии он ва беҳтар шудани сатҳи зиндагии мардуми Тоҷикистон равона гардидаанд.

**Мақсуди НЕЪМАТ**

## Налоги за рубежом

# Свободу женщине ограничили за неуплату 589 тысяч тенге налога

**Жительнице Талгарского района ограничили свободу за неуплату 589 тысяч тенге налога, сообщает корреспондент Tengrinews.kz со ссылкой на Департамент государственных доходов по Алматинской области.**

По данным ведомства, женщина с начала 2017 года имела задолженность по налогам в размере 589 тысяч тенге. Несмотря на меры, принятые органом государственных доходов, она не спешила ее оплачивать. В августе того же года Талгарский районный суд вынес решение взыскать задолженность и направил для исполнения судебному исполнителю.

«Однако гражданка не торопилась исполнять судебный приказ, так же как и законные требования частного судебного исполнителя. Тем самым совершила неисполнение вступившего в законную силу судебного акта либо исполнительного документа более шести месяцев. По данному факту впервые УГД по Талгарскому району совместно с прокуратурой Талгарского района и частным судебным исполнителем направлено ходатайство о привлечении гражданки к уголовной ответственности», - рассказали в ДГД.

По приговору Талгарского районного суда гражданка признана виновной и ей назначено наказание в виде 1 года ограничения свободы.

«Конечно, это крайняя мера, но такие меры будут применяться в отношении лиц, уклоняющихся от исполнения налоговых обязательств. Следует отметить, что на сегодняшний день возбуждены еще два уголовных дела в отношении злостных неплательщиков налогов Талгарского района. Исполнение налогового обязательства является обязанностью и долгом каждого гражданина Республики Казахстан», - напомнили в ведомстве.

Департамент государственных доходов по Алматинской области просит своевременно осуществлять уплату налогов и других обязательных платежей в бюджет, не доводя до судебных разбирательств.

**Источник: https://news.mail.ru/incident/35291768/**

# МУҲТАРАМ ШАҲРВАНДОН ВА АНДОЗСУПОРАНДАГОН!

Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон рӯйхати субъектҳои бефаъолиятро тибқи талаботи қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи тартиби аз Феҳристи ягонаи давлатии шахсони ҳуқуқӣ ва соҳибкорони инфиродӣ, хориҷ намудани шахси ҳуқуқӣ ва соҳибкори инфиродӣ, филиал ва намояндагии шахси ҳуқуқии хориҷии бефаъолият", ҷиҳати хориҷ намудан аз Феҳристи ягонаи давлатӣ пешниҳод менамояд.

Аз шумо хоҳиш менамоем, ки арзу шикоятҳоро нисбати андозсупорандагони бефаъолият, ба Бахши иттилоотӣ бо рақамҳои содакардашудаи телефонии 151 ва 152 ё ба Кумитаи андоз бо суроғаи шаҳри Душанбе, кӯчаи Н.Қарабоев 42/2 пешниҳод намоед.

**Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон**

Рӯйхати андозсупорандагони бефаъолияти ноҳияи Рӯдакӣ, ки барои хориҷ намудан аз феҳристи ягонаи давлатии шахсони ҳуқуқӣ ва соҳибкорони инфиродӣ пешниҳод гардидаанд.

| № | Ном ва насаби андозсупоранда | Санаи бақайдгирӣ | РМА |
|---|---|---|---|
| 1 | Муҳидинов Сайдулло Ҳукматович | 28.09.2015 | 125981915 |

Рӯйхати андозсупорандагони бефаъолияти ш. Нораки вилояти Хатлон, ки барои хориҷ намудан аз Феҳристи ягонаи давлатии шахсони ҳуқуқӣ ва соҳибкорони инфиродӣ пешниҳод гардидаанд.

| № | Ном ва насаби андозсупоранда | Санаи бақайдгирӣ | РЯМ |
|---|---|---|---|
| 1 | Намояндагии ҶДММ «Енсзиен» | 05.03.2015 | 4120000024 |

Рӯйхати андозсупорандагони бефаъолияти ноҳияи Синои шаҳри Душанбе, ки барои хориҷ намудан аз Феҳристи ягонаи давлатии шахсони ҳуқуқӣ ва соҳибкорони инфиродӣ пешниҳод гардидаанд.

| № | Ном ва насаби андозсупоранда | Санаи бақайдгирӣ | РЯМ |
|---|---|---|---|
| | **СОҲИБКОРОНИ ИНФИРОДӢ** | | |
| 1 | Кабиров Фахриддин | 12.сен.09 | 0430002513 |
| 2 | Мирзоева Латофат | 09.фев.11 | 0430073399 |
| 3 | Ашурова Махфират | 25.мар.10 | 1230017672 |
| 4 | Ҳомидов Ҳасан | 02.апр.11 | 0430078862 |
| 5 | Гадоева Матлуба | 04.май.15 | 0430195306 |
| 6 | Бобиев Исроил | 12.ноя.10 | 0330101228 |
| 7 | Муминов Азамат | 17.июн.10 | 0430046100 |
| 8 | Турдиев Ҷума | 07.авг.15 | 0430200788 |
| 9 | Шарипов Бахтиёр | 15.янв.10 | 0430010222 |
| 10 | Иркаев Фирдавс | 24.дек.12 | 0430127519 |
| 11 | Шамсудинова Алифмо | 11.июл.12 | 0430118398 |
| 12 | Расулов Манучеҳр | 29.янв.14 | 0430161124 |
| 13 | Пиров Манучеҳр | 12.апр.11 | 0330123347 |
| 14 | Ҷамолова Наргис | 03.апр.09 | 0430007160 |
| 15 | Иралов Анварҷон | 04.дек.09 | 0430007573 |
| 16 | Собиров Махмадалӣ | 17.мар.14 | 0430164983 |
| 17 | Азимов Зафар | 12.авг.09 | 0930000739 |
| 18 | Нуров Некмурод | 22.апр.10 | 0430031819 |
| 19 | Имомов Ҷамшед | 07.дек.09 | 0430007747 |
| 20 | Музофиров Умед | 15.ноя.10 | 0430065781 |
| 21 | Абтаҳи Сайидҷамол | 29.окт.15 | 0430203877 |
| 22 | Ҳусейнова Рисолат | 23.дек.09 | 1230004628 |
| 23 | Маҳмадрақибов Зокирҷон | 21.дек.10 | 0430068568 |
| 24 | Хоҷаев Беҳрӯз | 23.ноя.10 | 0430066285 |
| 25 | Камаров Файзали | 25.янв.11 | 0430071070 |
| 26 | Сонг Цию | 02.сен.09 | 0330001192 |
| 27 | Ямонқулова Парчамо | 01.ноя.11 | 1230065183 |
| 28 | Алиева Гулизор | 18.авг.11 | 0430092337 |
| 29 | Шарифҷони Неъмат | 09.апр.14 | 0430166642 |
| 30 | Абдуллоева Марҳабо | 04.май.12 | 0430111770 |
| 31 | Эсанов Алиёр | 19.июл.08 | 0330011083 |
| 32 | Ҷабборов Абдуқаюм | 23.сен.10 | 0430060318 |
| 33 | Петросян Артур | 27.янв.11 | 0430071217 |
| 34 | Артиқов Заҳид | 14.июн.10 | 0430044945 |
| 35 | Ҳамеди Радалӣ | 03.сен.15 | 0430202080 |
| 36 | Эгамов Нуридин | 25.фев.10 | 0330024778 |
| 37 | Насимова Гулбаҳор | 16.июн.16 | 0430216710 |
| 38 | Яқубова Нишоной | 06.авг.16 | 0430219781 |
| 39 | Ҷумаев Ҷаҳонгир | 05.окт.10 | 0430061491 |
| 40 | Ризоев Абдуқаҳҳор | 22.фев.11 | 0430075168 |
| 41 | Ниёзов Парвиз | 02.фев.11 | 0430071969 |
| 42 | Нуроғо | 06.май.16 | 0430212815 |
| 43 | Одинаи Нурулло | 25.фев.11 | 0430075507 |
| 44 | Ибронов Маҳмадюнус | 08.фев.13 | 0430130223 |
| 45 | Абдуллоев Умедҷон | 18.апр.13 | 0430138308 |
| 46 | Фозилов Рустам | 11.фев.09 | 0430005914 |
| 47 | Ҷонмаҳмадов Манучеҳр | 24.апр.17 | 0430235777 |
| 48 | Азимахмадов Дилшод | 23.апр.10 | 0330047667 |
| 49 | Ҳайдаров Амриддин | 27.авг.10 | 1630008078 |
| 50 | Қуватов Туйчибек | 27.фев.09 | 0430074416 |
| 51 | Каримов Акрамжон | 07.июн.11 | 0430086076 |
| 52 | Абдуллоев Хуршед | 16.ноя.11 | 0430099075 |
| 53 | Бурҳонидини Низомуд-дин | 19.мар.10 | 0430024091 |
| 54 | Раҳимов Файзулло | 27.янв.11 | 0430071254 |
| 55 | Муҳаммад Ҳусейн | 05.мар.12 | 0430106325 |
| 56 | Қаҳрамонихоҳ Акбар | 07.ноя.12 | 0430125511 |
| 57 | Эшонов Ҷамолиддин | 28.июл.11 | 0430090467 |
| 58 | Султонов Эркин | 29.июл.11 | 0430090568 |
| 59 | Яқубова Мавҷуда | 04.июл.11 | 0430088515 |
| 60 | Шоев Садриддин | 03.ноя.09 | 0430006152 |
| 61 | Қамбарова Шаҳноза | 09.фев.10 | 0430014503 |
| 62 | Бахретдинова Зуҳра | 23.дек.10 | 0430068806 |
| 63 | Саидалов Хуршед | 18.апр.11 | 0430081218 |
| 64 | Ҳасанов Исмоил | 04.июл.12 | 0430117472 |
| 65 | Коштиев Маҳмад | 12.фев.10 | 0430015731 |
| 66 | Исаев Умед | 26.фев.15 | 0430188908 |
| 67 | Точиддин Валади | 14.май.15 | 0430196727 |
| 68 | Фозилов Шарифхон | 04.май.11 | 0430082950 |
| 69 | Бобоҷонова Матлуба | 23.май.16 | 0430214510 |
| 70 | Ҳамидов Муҳридин | 06.июн.11 | 0430085920 |
| 71 | Муҳаммад Хусайн | 17.авг.11 | 0430092209 |
| 72 | Раҳимов Фирдавс | 07.дек.12 | 0430127125 |
| 73 | Шарипов Алихон | 07.май.10 | 0430035146 |
| 74 | Мусофиров Умедҷон | 15.дек.10 | 0330106985 |
| 75 | Туйчиев Ҳафиз | 13.апр.15 | 0430192620 |
| 76 | Биккина Майрам | 16.дек.09 | 0430008306 |
| 77 | Бочко Тимур | 08.окт.10 | 0430061940 |
| 78 | Эмомов Зухуршо | 04.фев.15 | 0430186121 |
| 79 | Сафаров Махмадулло | 26.май.16 | 0430214721 |
| 80 | Тошмуродов Тохирҷон | 01.май.17 | 0430236135 |
| 81 | Зокиров Бахтиёр | 20.фев.09 | 0930023151 |
| 82 | Ҷумаев Абдукомил | 14.фев.13 | 0430131479 |
| 83 | Юсупов Абдугафор | 10.апр.15 | 0430192245 |
| 84 | Адолатов Сулаймон | 15.ноя.16 | 0430225135 |
| 85 | Абдулоев Исроилҷон | 02.мар.17 | 0430232505 |
| 86 | Юлдошев Акмалҷон | 09.апр.15 | 0430192116 |
| 87 | Саидчалолов Абдуҷалол | 16.июл.07 | 0430005318 |
| 88 | Зокир Мушфиқ Мустафо | 18.май.14 | 0430170978 |
| 89 | Каримова Сайёра | 19.янв.15 | 0430184535 |
| 90 | Мавлонов Соҳибҷон | 03.мар.15 | 0430188981 |
| 91 | Хамроев Пулат | 06.июн.12 | 0430114960 |
| 92 | Шобеков Абдулсамад | 15.июн.12 | 0430116088 |
| 93 | Хайриддин Мирмухам-мад | 08.май.14 | 0430170070 |
| 94 | Сатторов Анушервон | 11.май.17 | 0430236895 |
| 95 | Бобохонова Идигул | 06.май.14 | 0430169786 |
| 96 | Мирзохусайнов Хамид | 17.ноя.16 | 0430225336 |
| 97 | Ахмедов Ҷунайдулло | 29.янв.10 | 1230009275 |
| 98 | Муродов Раҷабалӣ | 17.июн.13 | 0430145614 |
| 99 | Саидов Наҷмиддин | 16.ноя.09 | 0930005056 |
| 100 | Мирзоев Ҳамид | 30.мар.11 | 0430078312 |
| 101 | Саидмуродов Хабибулло | 19.апр.11 | 0430081612 |
| 102 | Ҳаитов Фарҳод | 03.апр.15 | 0430190943 |
| 103 | Раҳимов Зафархон | 24.авг.12 | 0430121652 |
| 104 | Каримов Фаррух | 27.авг.13 | 0430149684 |
| 105 | Шаимов Исломиддин | 15.апр.10 | 1230020679 |
| 106 | Чен Сюн | 17.мар.11 | 0430077698 |
| 107 | Арипова Ганҷина | 10.апр.17 | 0430234824 |
| 108 | Қурбонов Асламбек | 14.янв.11 | 1530010112 |
| 109 | Раҳимов Туғёниддин | 09.фев.10 | 0230009423 |
| 110 | Ҷавод | 25.дек.13 | 0331234173 |
| 111 | Умаров Абдуваҳоб | 15.авг.11 | 0430092080 |
| 112 | Маҳмудов Зариф | 23.апр.11 | 0430082107 |
| 113 | Нуров Музаффар | 12.мар.15 | 0430189925 |
| 114 | Ахмедов Тимур | 04.авг.10 | 0430054699 |
| 115 | Ашуров Салимҷан | 29.июл.10 | 1230040240 |
| 116 | Джураева Саёра | 18.авг.09 | 0430001761 |
| 117 | Буриев Ҷамшед | 21.июн.10 | 0430046788 |
| 118 | Фаёзов Субхон | 04.мар.09 | 0430058860 |
| 119 | Шарапова Хайринисо | 11.май.11 | 0430083711 |
| 120 | Шарипова Фархунда | 25.июн.16 | 0430217985 |
| 121 | Каримов Муҳаммад | 21.янв.17 | 0430228306 |
| 122 | Рахимов Туғёниддин | 09.фев.10 | 0230009423 |
| 123 | Очилов Абдуманон | 25.июл.12 | 0430119626 |
| 124 | Нарзуллоев Неъматулло | 30.май.11 | 0430085251 |
| 125 | Назаров Имомали | 13.мар.12 | 0430107215 |
| 126 | Темиров Маруфҷон | 06.мар.09 | 1230002639 |
| 127 | Дилшоди Ғайратшо | 02.мар.11 | 0430076057 |
| 128 | Сионг Фейлонг | 05.сен.13 | 0430150518 |
| 129 | Собиров Оятулло | 24.окт.13 | 0430154872 |
| 130 | Шерхонов Тоҷиддин | 23.ноя.15 | 0430204830 |
| 131 | Таваров Эмомалӣ | 26.май.12 | 0430113915 |
| 132 | Муҳаммади Абдуллозод | 23.июн.10 | 0430047530 |
| 133 | Нозимов Абдуалӣ | 25.фев.11 | 0430075516 |
| 134 | Гурезов Азизбег | 21.сен.11 | 0430094830 |
| 135 | Абдукахоров Абдуҷабор | 21.ноя.11 | 0430099285 |
| 136 | Ҷамолов Рахмон | 14.дек.11 | 0430100963 |
| 137 | Достиев Комил | 01.май.14 | 0430169346 |
| 138 | Қурбонов Фаррух | 17.сен.14 | 0430177706 |
| 139 | Неъматов Иноят | 25.июн.14 | 0430173398 |
| 140 | Содиков Мирзоалӣ | 03.ноя.11 | 0430098396 |
| 141 | Лутфулоева Гулсара | 13.дек.12 | 0430127198 |
| 142 | Ашӯров Ҳайдарбек | 04.июн.14 | 0430171968 |
| 143 | Зайдуллоев Искандар | 01.май.14 | 0430169282 |
| 144 | Комилов Даврон | 19.июн.14 | 0430173215 |
| 145 | Ҳамитов Аминҷон | 18.авг.15 | 0430201530 |
| 146 | Шарифов Муҳаммад | 20.сен.11 | 0430094803 |
| 147 | Насратшоев Ширинчон | 20.окт.11 | 0430097278 |
| 148 | Давлатов Мирзоаҳмад | 27.июн.13 | 0430146778 |
| 149 | Розиқов Илҳомидин | 09.июл.13 | 0430147548 |
| 150 | Сафаралиев Бахтиёр | 01.май.15 | 0430195224 |
| 151 | Сайдалиев Сунатулло | 11.янв.13 | 0430127904 |
| 152 | Рахмонова Гулрукаат | 24.янв.13 | 0430128344 |
| 153 | Кулиева Фарангиз | 25.апр.12 | 0430111065 |
| 154 | Қурбонов Сухроб | 26.сен.12 | 0430123394 |
| 155 | Сатторов Насим | 11.мар.14 | 0430164717 |
| 156 | Қурбонов Бобомурод | 24.дек.09 | 1230004683 |
| 157 | Раҷабов Абдуҳомид | 01.июл.14 | 0430173572 |
| 158 | Салимов Абдусамад | 10.мар.15 | 0430189586 |
| 159 | Мехдиев Исмоил | 16.фев.09 | 0330066972 |
| 160 | Сикандаров Авзалшо | 19.дек.13 | 0430158841 |
| 161 | Исмоилов Ҷамолиддин | 12.мар.15 | 0430189971 |
| 162 | Раҳмонзода Сангалӣ | 16.апр.11 | 0430081071 |
| 163 | Саидов Сахидод | 12.апр.16 | 0430211091 |
| 164 | Саидов Ромиш | 25.фев.11 | 0430075452 |
| 165 | Гулов Маҳмад | 27.фев.12 | 0430105592 |
| 166 | Султонова Ҷамила | 01.июн.17 | 0430238069 |

(Давом дорад)

ЭЪЛОН

АНДОЗСУПОРАНДАГОНИ МУҲТАРАМ!

**Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон**

бо мақсади пешгирии ҳолатҳои аз тарафи кормандони мақомоти андоз аз субъектҳои хоҷагидор беасос талаб намудани пешпардохти маблағи андозҳо, ба истиснои ҳолатҳои пешбининамудаи Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз шумо эҳтиромона хоҳиш менамоэд, ки

**АЗ ПАРДОХТИ МАБЛАҒИ АНДОЗҲОИ АЗ УҲДАДОРИИ ДАВРАИ ҲИСОБОТӢ ЗИЁД ХУДДОРӢ НАМОЕД.**

Бинобар ин, хоҳиш менамоем, ки ҷиҳати муайян намудани дурустии уҳдадориҳои андозӣ доштан барои ҳар як давраи ҳисоботӣ, тибқи муқаррароти моддаи 19 Кодекси андоз бо мақомоти андози маҳалли қайди худ пайваста санади муқоисавӣ тартиб диҳед. Дар сурати аз ҷониби кормандони мақомоти андоз риоя нагардидани талаботи мазкур,

**ШУМО МЕТАВОНЕД БО РАҚАМИ ТЕЛЕФОНИИ СОДАКАРДАШУДАИ 151 ВА Ё ХАТТӢ БА КУМИТАИ АНДОЗ МУРОҶИАТ НАМОЕД.**

ШАҲРВАНДОНИ МУҲТАРАМ!

КУМИТАИ АНДОЗИ НАЗДИ ҲУКУМАТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

БА МАЪЛУМОТИ ШУМО МЕРАСОНЕМ, КИ РОҶЕЪ БА МАСЪАЛАҲОИ АНДОЗ ВА АНДОЗБАНДӢ МЕТАВОНЕД АЗ СОМОНАИ КУМИТАИ АНДОЗ **WWW.ANDOZ.TJ** ВА БАРОИ ГИРИФТАНИ ПОСУХ АЗ БАХШИ ИТТИЛООТИИ (КОНТАКТ-СЕНТР) **151** ИСТИФОДА НАМОЕД.

# ДАР МУБОРИЗА БО ТЕРРОРИЗМ САҲЛАНГОРӢ НАКУНЕМ

**Дар Паёми навбатии худ ба Маҷлиси Олии кишвар Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар баробарӣ натиҷагирӣ аз рушди иқтисодию иҷтимоии кишвар ва муайян намудани самтҳои минбаъдаи фаъолияти Ҳукумат, инчунин ба масоили глобалие, ки ба мушкилоти ҷиддии сайёра мубаддал гардидаанд, таваҷҷуҳ зоҳир намуданд.**

Аз ҷумла, Пешвои миллат бо дарназардошти шиддати бемайлони хатарҳои ҷаҳонӣ муосир, аз ҷумла зуҳуроти номатлуби экстремизму терроризм ба пешгирии ин раванд, аз ҷумла шомилшавии шаҳрвандони мамлакат ба созмону ҳаракатҳои террористиву экстремистӣ ва ба Ватан баргардонидани шахсони гумроҳшуда таъкид намуданд.

Табиист, ки асри 21-ум агар аз як ҷониб бо рушди технологию инноватсионӣ дар ҳаёти аҳли башар нақшгузор бошад, аз ҷониби дигар зоҳир гардидани равандҳои мухталифи сиёсию иҷтимоӣ дар қабои ҷараёни фарогири "ҷаҳонишавӣ" халқи оламро дар ин қарни пурталотум ба таҳлука андохтааст. Махсусан зуҳуроти харобиовари терроризму экстремизм ҳанӯз дар ибтидои ин қарн дар шакли қолаби комилан нав дар сиёсатҳои дуҳӯраю гуногунҷанбаи иддае аз қудратҳои ҷаҳонӣ роҳ ёфт. Мутаассифона, дар ҷаҳони муосир ҳатто аз чунин равандҳои хатарзо иддае аз қудратҳо манфиатҳои худро доранд ва маҳз чунин манфиатхоҳиву бартариҷӯӣ боиси шиддат ёфтани бӯҳронҳои сиёсиву иҷтимоӣ ва дар ин замина густариши ифротгароиву терроризм мешавад.

Ин аст, ки Пешвои миллат бо зикри омилҳои дар роҳи густариши экстремизму терроризм мусоидаткунанда, аз ҷумла гардиши ғайриқонунии маводи мухаддир ба ниҳодҳои дахлдор дастур доданд, то мубоизаро дар ин самт шиддат бахшанд.

Дар ҳошияи Паёми худ Пешвои миллат бори дигар диққати ҷомеаи ҷаҳониро ба қазияи Афғонистони ба мо ҳамсоя ҷалб намуда, иброз намуданд, ки ҳоло бӯҳрони мавҷуда дар Афғонистонро танҳо бо роҳҳои низомӣ наметавон бартараф намуд.

***"Мо кӯшишҳои Ҳукумати Афғонистони дӯст ва ҷомеаи ҷаҳонро ҷиҳати роҳандозӣ намудани раванди музокироти сулҳ дар кишвар, ба эътидол овардани вазъи сиёсиву низомӣ ва таъмини рушди иҷтимоиву иқтисодии он ҳамаҷониба пуштибонӣ мекунем ва бори дигар изҳор медорем, ки қазияи Афғонистон танҳо роҳи ҳалли низомӣ надорад."***

Маълум аст, ки паёмади ҷангу низоъ, мухолифатҳои мусаллаҳона, қатлу куштори одамони бегуноҳ ба башарият танҳо бадбахтиву рӯзи сахт меорад. Аз ин лиҳоз, бо дарки ин нуктаи басо пурназокат Пешвои миллат таъкид доштанд, ки моро мебояд беш аз пеш зирак бошем, то бори дигар ба доми найранги бегонагон наафтем.

**"Мо даҳшати ҷанги шаҳрвандии солҳои 90-уми асри гузаштаро, ки душманони миллати тоҷик ба сари мо таҳмил карда буданд, ҳаргиз фаромӯш намекунем ва бо итминон изҳор медорем, ки мардуми мо дигар ба доми фиреби душманону бадхоҳони миллат, ки то ҳанӯз аз ҳадафҳои ғаразноки худ даст накашидаанд, гирифтор намешаванд".**

Пас, бо дарназардошти чунин таъкидҳои саривақтӣ ва дилсӯзонаи Пешвои муаззами миллат ҳар як шаҳрванди кишвари моро мебояд, хатари чунин гурӯҳҳоро ҳамчун хатаре барои Ватани худ, модари худ, оилаи худ, зану фарзанди худ, номуси худ бишносад ва ҳаргиз дар мубориза бо чунин раванди хатарзо ба саҳлангорӣ роҳ надиҳад.

**Афшини МУҚИМ,**

**котиби матбуотии Кумитаи дин, танзими анъана ва ҷашну маросими назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон**

**Манбаъ: http://din.tj/?q=node/1285**

ОБУНА БА РӮЗНОМАИ «БОҶУ ХИРОҶ»

БАРОИ СОЛИ 2019 ИДОМА ДОРАД

Нашрияи Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон

Ба «Боҷу хироҷ» бо чашми хирад, чашми нек ва чашми дурбин нигаред ва ҳамрозу ҳамсадо бошед!

*Нархи яксолаи обуна ба рӯзномаи «Боҷу хироҷ»*

*86 СОМОНӢ*



СУРОҒАИ МО:
ш.Душанбе, хиёбони Н.Қаробоев 42/3, бинои Раёсати андози шаҳри Душанбе
**Телефон:** (2)33-08-41

Обуначиёни фаъол аз тарафи идораи «Боҷу хироҷ» ҳавасманд карда мешаванд.

СУРАТҲИСОБИ РӮЗНОМАИ «БОҶУ ХИРОҶ»:
р/сч 20202972000266101000
кор/сч 20402972316264
МФО 350101626 БДА ҶТ
«Амонатбонк» дар шаҳри Душанбе
РМА 030007408

**БАРҲАМ МЕХӮРАД**

■ ҶДММ «Ҳоҷи Давлат» (РЯМ 3210004445), воқеъ дар ноҳияи Қубодиён, барҳам мехӯрад.

■ Кооперативи тиҷоратии «Беҳруз.А. Қодиров» (РЯМ 2910001445) воқеъ дар ноҳияи Вахш, барҳам мехӯрад.

■ Кооперативи тиҷоратии «Мардон-М» (РЯМ 3210001841) воқеъ дар ноҳияи Қубодиён, барҳам мехӯрад.

■ Кооперативи тиҷоратии «Усто Шоҳ Ҳусейн» (РЯМ 3210001227), воқеъ дар ноҳияи Қубодиён, барҳам мехӯрад.

■ Кооперативи тиҷоратии «Балҷувон-2015» (РЯМ 2910000051), воқеъ дар ноҳияи Вахш, барҳам мехӯрад.

■ ҶДММ «Таъмири пойафзол» (РМА 030014915), воқеъ дар ноҳияи Фирдавсӣ, барҳам мехӯрад.

■ ҶДММ «Медикал фарма» (РЯМ 0110008635), воқеъ дар ноҳияи И.Сомонӣ, барҳам мехӯрад.

■ ҶДММ «Парвози Шаҳрсоз» (РЯМ 0110019388), воқеъ дар ноҳияи Рӯдакӣ, барҳам мехӯрад.

**ЭЪТИБОР НАДОРАД**

■ Патенти соҳибкори инфиродӣ Ҷумахонов Зокони (РЯМ 7030019123), аз шаҳри Хоруғ, бинобар гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

■ Патенти соҳибкори инфиродӣ Ғафуров Абдуқодир (РЯМ 2830102257), аз шаҳри Бохтар, бинобар гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

■ Иқтибос аз феҳристи ягонаи давлатии шахсони ҳуқуқӣ мутаалиқ ба ҶДММ «Карон - Мрамр» (РЯМ 7310001005) аз ноҳияи Дарвоз, бинобар гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

■ Патенти соҳибкори инфиродӣ Холов Азимҷон (РЯМ 0430242093), аз ноҳияи Сино, бинобар гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

■ Шаҳодатномаи соҳибкори инфиродӣ Азизов Саидхужа (РЯМ 3430022943), аз ноҳияи Кушониен, бинобар гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

■ Патенти соҳибкори инфиродӣ Холмирзоев Қосимҷон (РЯМ 3330042999), аз ноҳияи Ҷ.Балхӣ, бинобар гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

■ Патенти соҳибкори инфиродӣ Нарзиева Ихтиёр (РЯМ-0330166385), аз ноҳияи Фирдавсӣ бинобар гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

■ Патенти соҳибкори инфиродӣ Холов Шеравган Атахонович (РЯМ-0330059813), аз ноҳияи Фирдавсӣ бинобар гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

■ Шаҳодатномаи бақайдгирӣ ва Иқтибос аз феҳристи ягонаи давлатии шахсони ҳуқуқӣ мутааллиқ ба ҶДММ «Кулли Сӯфиён» (РЯМ-1810007852), аз шаҳри Кӯлоб бинобар гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

■ Шаҳодатномаи бақайдгирӣ мутааллиқ ба ҶДММ «Ҳоҷӣ Маҳмуди Восеъ» (РМА-190008686), аз ноҳияи Восеъ бинобар гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

■ Патенти соҳибкори инфиродӣ Шайхов Абдулҳамид (РЯМ-0331313428), аз ноҳияи Фирдавсӣ бинобар гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

■ Патенти соҳибкори инфиродӣ Раҳимов Салим (РЯМ-6230031610) аз шаҳри Истаравшан бинобар гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

■ Патенти соҳибкори инфиродӣ Убайдулло Иззатулло (РЯМ-6230034498), аз шаҳри Истаравшан бинобар гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

■ Патенти соҳибкори инфиродӣ Нодиров Хуршед (РЯМ-6230020280), аз шаҳри Истаравшан бинобар гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

■ Патенти соҳибкори инфиродӣ Атамов Мирсаид (РЯМ-6230003808), аз шаҳри Истаравшан бинобар гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

■ Патенти соҳибкори инфиродӣ Қосимова Кароматт (РЯМ-6230044508), аз шаҳри Итаравшан бинобар гум шуданаш беэътибор дониста шавад.




## Шаҳрвандон ва андозсупорандагони муҳтарам!

Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба таваҷҷуҳи шумо мерасонад, ки пас аз ҳисоб намудани маблағи андозҳо метавонед ба мақомоти андоз ҳозир нашуда, тавассути нуқтаҳои ваколатдори Бонки давлатии амонатгузории «Амонатбонк» маблағи андози дахлдорро ба буҷет пардохт намоед ва расиди маблағи пардохтшударо, ҳамчун ҳуҷҷати тасдиқкунанда, бо худ нигоҳ доред.

Ёдрас мешавем, ки дар сурати ба шахси дигар додани маблағи андоз эҳтимолияти пардохт накардани андозҳо ва боиси дар назди буҷет қарздор мондани шумо мегардад.

## ШАҲРВАНДОНИ МУҲТАРАМ!

КУМИТАИ АНДОЗИ НАЗДИ ҲУКУМАТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

БА МАЪЛУМОТИ ШУМО МЕРАСОНЕМ, КИ РОҶЕЪ БА МАСЪАЛАҲОИ АНДОЗ ВА АНДОЗБАНДӢ МЕТАВОНЕД АЗ СОМОНАИ КУМИТАИ АНДОЗ **WWW.ANDOZ.TJ** ВА БАРОИ ГИРИФТАНИ ПОСУХ АЗ БАХШИ ИТТИЛООТИИ (КОЛЛ-СЕНТР) **151** ИСТИФОДА НАМОЕД.

**ОБЪЯВЛЕНИЕ**

## УВАЖАЕМЫЕ НАЛОГОПЛАТЕЛЬЩИКИ!

**Налоговый комитет при Правительстве Республики Таджикистан**

в целях предотвращение необоснованных требований сотрудников налоговых органов об предварительной оплате налогов с налогоплательщиков, за исключением случаев предусмотренных Налоговым кодексом Республики Таджикистан, убедительно просит Вас

**ВОЗДЕРЖАТЬСЯ ОТ УПЛАТЫ ИЗЛИШНИХ НАЛОГОВ ТЕКУЩЕГО ПЕРИОДА.**

В связи с этим, в соответствии с положениями статьи 19 Налогового кодекса просим вас в целях определения правильности налоговых обязательств в каждом налоговом периоде, постоянно осуществлять налоговые акты сверки с налоговыми органами по месту налоговой регистрации. В случае несоблюдения настоящих требований со стороны сотрудников налоговых органов,

**МОЖЕТЕ ОБРАЩАТЬСЯ В КОНТАКТ – ЦЕНТР НАЛОГОВОГО КОМИТЕТА ПО ТЕЛЕФОННОМУ НОМЕРУ 151 ИЛИ ПИСЬМЕННО.**

**Налоговый комитет при Правительстве Республики Таджикистан**



Аз таърихи андоз

## АНДОЗ ВА АНДОЗБАНДӢ ДАР ЗАМОНИ БАРҚАРОРШАВИИ СОТСИАЛИЗМ

(Аввалаш дар шумораҳои гузашта)

Солҳои 1927-1928 баръакси соли пешин ҳадди аққали андозбандинашаванда на аз рӯи ҳисоби хӯранда, балки аз рӯи хоҷагӣ, вале умуман бо ба ҳисоб гирифтани хӯрандагон таъин гардид: 1 – 2 хӯранда – 90 рубл ба хоҷагӣ, 3 – 4 хӯранда – 100 рубл, аз 5 ва зиёдтар хӯранда – 110 рубл ба хоҷагӣ.

Дар давраи индустриализатсияи кишвар зарурати бозсозии низоми андози даромад аз истеҳсол (косибӣ, ҳунармандӣ) ба миён омад. Соли 1926 низомномаи нав оид ба андоз аз истеҳсол тасдиқ гардид ва тавассути он дар принсипҳои тартиб додани андоз ва андозбандӣ тағйироти ҷиддӣ ба амал омаданд. Ин тағйирот аз баланд бардоштани арзиши патент, тақсими нисбатан баробари он дар байни корхонаҳо, тағйири давраи пардохти (окладии) он, инчунин пурра марказонидани андозбандии корхонаҳои давлатӣ, кам кардани имтиёзҳо (махсусан аз кооператсия) васеъ кардани ҳуқуқҳои дастгоҳи андозбандӣ, махсусан дар бахши баҳисобгирии гардиш иборат буданд.

Ба ҷойи муҳлати нимсолаи андозбандӣ мӯҳлати яксола ҷорӣ гардид. Ҳамаи корхонаҳои доимоамалкунандаи савдо ва истеҳсол уҳдадор буданд то оғози давраи пардохтӣ (окладӣ) патент интихоб намоянд. Патентҳои нимсоларо танҳо корхонаҳое мегирифтанд, ки аз нимсолаи дуюм ба кор шурӯъ мекарданд. Корхонаҳои мавсимӣ барои се моҳ ва ё барои як моҳ патент мегирифтанд, ки аз нимсолаи дуюм ба кор шурӯъ мекарданд. Корхонаҳои мавсимӣ барои се моҳ ва ё барои як моҳ патент мегирифтанд.

Тағйири давраи пардохтӣ (окладӣ) ба мунтазам кор кардани корхонаҳо, қатъ шудани аз кор рафтани коргарон, ки дар давраи аввали СНИ дар сектори моликияти хусусии капиталистӣ ҷой дошт, вобаста буд. Мақсад аз он иборат буд, ки андозбандӣ якмаром бошад, фаъолияти дастгоҳи андоз содатар шавад, объектҳои андозбандишаванда мавриди омӯзиши амиқ қарор бигиранд.

Тағйироту навгониҳо дар андозбандӣ ба соҳибкорони инфиродии ба истеҳсол машғулбуда низ дахл дошт. Ҳаҷми пардохт барои патентҳо ба таври назаррас баланд бардошта шуданд; арзиши патентҳо ба маблағи пардохтҳои баробарсозӣ (уравнительный сбор) на ба маблағи пурра, балки дар ҳаҷми 50 % ҳисоб карда мешуданд (ин тағйирот дар нисбати корхонаҳои бузург аз нимсолаи дуюми соли 1925-1926 ҷорӣ гардид). Аз солҳои 1926-1927 сар карда 50 % ба ҳисоб гирифтан нисбат ба ҳамаи корхонаҳо татбиқ шуд. Арзиши пардохт барои патент нисбат ба иҷораи анборҳо, машғулияти инфиродӣ ба истеҳсол, савдои молҳои ороишӣ чун пештара ба маблағи пардохти баробарсозӣ дохил намешуд.

**(Давом дорад)**

**Манбаъ: Тоҳир Исломов «Аз таърихи молия, андоз ва ташаккулёбии низоми андозбандӣ дар Тоҷикистон»**




АЗ ҲАР ХУСУС

## НАРХИ АРЧА - 11 МИЛЛИОН ДОЛЛАР



**Чанд сол пеш дар яке аз толорҳои меҳмонхонаи «Emirates Palace»-и шаҳри Абу-Даби арчаи солинавие гузошта шуд, ки нархи он зиёда аз 11 миллион доллари ИМА-ро ташкил дод. Дарозии он 13 метр буда, бо 181 бозича оро ёфтааст. Шохаҳои онро бозичаҳои тиллоии бо сангҳои қиматбаҳо гулкоришуда, ба монанди ёқути кабуд, алмоси суфта (бриллиант), зумуррад ва марворид оро медоданд.**

Гинза Танака, заргар аз Ҷопон, арчаи солинавии тиллоиро омода намудааст, ки аз 40 килограмм тиллои холис иборат аст. Ин муъҷизаи солинавӣ ба ҷашни 110 - солагии Уолт Дисней бахшида шуда, аз 50 ҳайкалчаи тиллоии қаҳрамонҳои он иборат аст. Дарозии арча 2,4 метр ва нархи он 4,2 миллион доллар муайян шудааст.

Дар Сингапур заргарон арчаеро омода намуданд, ки нархаш зиёда аз 1 миллион доллар аст. Дарозии он 6 метр, вазнаш 3 тонна мебошад. Дар ороиши он 21 798 алмоси суфта истифода шудааст, ки 913 каратро ташкил медиҳад. Ҳар шохаи онро аз булӯр сохтаанд. Дар маҷмӯъ, булӯршохаҳо 3762 донаро ташкил додаанд. Барои равшан кардани арча 500 чароғак истифода шудааст.

## Суханони ҳакимона

Мутмаин бош, ҳар ҷавобе медиҳӣ, як рӯзе, як тавре ва як ҷое ба ту бармегардад.

ххх

Сухан донӣ, бигӯ, то ибрат гиранд ва агар надонӣ, хомӯш ист, то инсонат шуморанд.

ххх

Сели хушиҳо аз зери назар ва аз дасти мо мегузарад, аммо ҳар кас ба андозаи ташнагӣ ва истеъдоди худ аз он насиб мебарад.

ххх

Барои дуруст фикр кардан бояд аввал дилро аз кинаю бадӣ пок кард.

ххх

Ончунон умр ба сар баред, ки дар зиндагонии шумо мардум шодмон бошанд ва ба марги шумо гиребон бидоранд.

ххх

Агар хоҳед, ки номи шумо ба бадӣ ёд нашавад, номи дигаронро ба бадӣ ёд накунед.

Панди рӯзгор

## Чаҳор чиз...

**ЧАҲОР ЧИЗ БАР ҲАМА ХАЛҚ НАКӮСТ:**

1. Адолат ва ростӣ. 2. Ақлу хирад. 3. Сабру сукун. 4. Шарму ҳаё.

**ЧАҲОР ЧИЗ БА ҲАМА ХАЛҚ БАД АСТ:**

1. Кинаву ҳасад. 2. Мағрурию такаббур. 3 Хашму ғазаб. 4. Сустию нопокӣ.

**ЧАҲОР ЧИЗ МӮҶИБИ ШОДМОНӢ АСТ:**

1. Навозиши сарварон. 2 Дуои зоҳидон. 3 Санои бузургон. 4. Дидани дӯстон.

**ЧАҲОР ЧИЗ МӮҶИБИ БАДБАХТӢ АСТ:**

1. Коҳилӣ. 2. Ҷоҳилӣ. 3 Нокасӣ. 4. Бекасӣ.

## Оё медонед?

Шаби Соли нав дар Ҷопон зангӯлаҳо 108 маротиба занг мезананд. Зарбаҳои зангӯлаҳо мафҳуми яке аз шаш нуқсони одамӣ: сабукфикрӣ, беақлӣ, ҳарисӣ, ғазаб, ҳасад ва беҷуръатиро доранд. Ҷопониҳо чунин меҳисобанд, ки ҳар як нуқсони инсон аз 108 аломат иборат аст ва ба ҳамин хотир, 108 зарба зада мешавад. Аммо аз ҳама аҷибаш ин аст, ки ҷопониҳо он тавре ки мо мефаҳмем, Соли навро ҷашн намегиранд. Дар шаби Соли нав онҳо то дамидани субҳ ором мехобанд. Вале, субҳи барвақт аз хоб хеста, ҳама якҷо ба истиқболи сапедадами Соли нав мераванд.

Дар Италия дар рӯзи Соли нав ранги сурх маъруфтарин дониста мешавад. Бояд гуфт, ки итолиёвиҳо дар баробари Санта Клаус Бобои барфии худ - Бобо Наталеро низ чун итолиёвии ҳақиқии дӯстдори мӯд ва ранги сурх дӯст медоранд. Ба ин хотир, дар шаби солинавӣ аҳолии Италия – зану мард, кӯдакон ва ҳатто кормандони политсия ҳам, либосҳои ранги сурхдоштаро мепӯшанд.



ХУБОН, БА ҚАВЛИ МУЧАЛШИНОСОН – ХУК, ГУРОЗ – ОХИРИН ҲАЙВОН ДАР ТАҚВИМИ ШАРҚИИ МУЧАЛАЛИ 12-ГОНА АСТ.

## МУЧАЛ – 2019 ХУБОН

Яъне, тақвим аз Муш сар шуда, бо Хубон (хук) анҷом меёбад. Дар Тоҷикистон соли Хубон аз 21 марти соли 2019 оғоз меёбад. Дар Чин моҳи феврал фаро мерасад, аммо чун Соли нав аз 1 январ қадам мениҳад, Хубон низ расман аз ҳамин сана оғоз мешавад. Шахсе, ки дар ин мучал ба дунё меояд, дорои хислатҳои гуногун аст: одамдӯст, хушсуҳбат, пурсабру тоқат, боэътимод, зудбовар, раҳмдил, заҳматдӯсту ба рафиқон содиқ буда, вале гоҳе қайсару якраву гарданшах мешавад. Агар аз касе дилмонда шавад, дигар риштаи дӯстиро бо вай намепайвандад. Дар зиндагӣ бештар ба неруи худ бовар дорад, нотарс аст, садди душворгузаре дар пеши роҳаш пайдо гардад, бо тамоми қувват, маҳорат, донишу таҷриба ба он фишор оварда, дур мепартояд. Хислати бонувони Хубон мардона аст. Онҳо бо назокат, мададрасон ва аз ҳад зиёд нозуктабиатанд. Мардҳо метавонанд ҳаёташонро бовар намуда ба дасти онҳо супуранд, онҳо ҳеҷ гоҳ хиёнат намекунанд, фиреб намедиҳанд.

Боҷу Хироҷ
МУАССИС:
КУМИТАИ АНДОЗИ НАЗДИ ҲУКУМАТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН
Сармуҳаррир
Фарзона ШАРИФӢ

ҲАЙАТИ ТАҲРИРИЯ ВА МУШОВАРА:
ДАВЛАТЗОДА Н. М. - Раиси Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон; ҚАҲҲОРЗОДА Ф. С. - Вазири молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон; СОЛЕҲЗОДА А. М. - муовини аввали Раиси Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон; ЮСУФӢ П. С. - муовини Раиси Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон; ИСМОИЛЗОДА Х. И. - муовини Раиси Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон; НАБИЕВ Б. - сардори Раёсати таъмини ҳуқуқии Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон.

Дар ҳафтанома ба хотири гуногунандешӣ матолибе низ нашр мешавад, ки идораи ҳафтанома метавонад бо муаллифон ҳамақида набошад ва масъулияти онро ба дӯш нагирад.

Ҳафтанома дар Вазорати фарҳанги ҷумҳурӣ таҳти рақами 597 номнавис шудааст.

Ҳафтанома бо шаҳодатномаи №0310003650 дар Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба қайди давлатӣ гирифта шудааст.

Тел: 233-08-40 (қабулгоҳ), 233-08-41 (мухбирон), 44-600-41-76 (шуъбаи эълон ва обуна)

Навбатдор: Мақсуди НЕЪМАТ

Тарроҳ: Сафаралӣ САТТОРОВ

Суроға: ш. Душанбе, х. Н. Қарабоев 42/3, бинои Раёсати андоз дар шаҳри Душанбе

Индекс: 68930

Рӯзнома дар нашриёти «Шарқи озод» чоп шудааст.

Теъдод: 39 489